БЕ ОФТОБ ГУЛ, БЕ МУҲАББАТ ХУШБАХТӢ, БЕ ЗАН ИШҚ ВА БЕ МОДАР ИНСОН ВУҶУД НАДОРАД!

Рӯ намеорад ба хони ҳеҷ кас соҳибҳунар,
Боғбон ризқи худ аз пушти гулистон мехӯрад.

# Шуғл ва МУҲОҶИРАТ

Нашрияи Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

Аз январи соли 1998 нашр мешавад

№ 3 (380), 15 марти соли 2023

## ПАЁМИ ШОДБОШИИ Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН ба муносибати Рӯзи модар

7 марти соли 2023



**Модарону бонувон ва духтарони азиз!**

Дар нахустин рӯзҳои фасли зебои баҳор, яъне айёми нуру сафо ва гармиву бедории табиат - ҷашни фархундаи Рӯзи модар фаро мерасад. Ҳамаи шумо, модарони меҳрубон ва бонувони арҷмандро ба ин муносибат самимона табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, пеш аз ҳама, саломатӣ, хушбахтӣ ва тамоми хушиҳои зиндагиро орзу менамоям.

(Идомааш дар саҳ. 2)

ДАР ИН ШУМОРА: »

**МОДАРОН**
Шаш дуои сабз с. 3

**ДАЪВАТ**
Ҷойҳои кори холӣ дар ширкатҳои НБО «Роғун» с. 6

**НАВРӮЗ**
Анъанаи қадими тоҷикон с. 8

**ФАХМОНДАН**
Корфармо ва коргар с. 11

**МАҲКУМКУНӢ**
Ҷаҳонро ба бад наспарем! с. 13

**БАРНОМА**
Кор дар Британияи Кабир с. 14

**НАВРӮЗНОМА**
Истилоҳоти тозаи наврӯзӣ с. 16

# ПАЁМИ ШОДБОШИИ

## Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ РАҲМОН

## ба муносибати Рӯзи модар

7 марти соли 2023

(Аввалаш дар саҳ. 1)

Модар ягона мавҷудест, ки инсон меофарад, ба ӯ ҳаёт мебахшад, ӯро дар оғӯши гарму пурмеҳри худ мепарварад, аввалин суханҳо ва гузоштани нахустин қадамҳоро ба тифлаш ёд медиҳад, фарзанди хешро бо ҳазор нияту орзуҳои нек ба воя мерасонад.

Яъне дар замири фарзанд тарбия кардани эҳсоси садоқату самимият, некиву накӯкорӣ, хайру саховат ва ташаккули маънавии наслҳо натиҷаи заҳмати шабонарӯзии модарони мушфиқу ғамхор ва мӯнису меҳрубон мебошад.

Модар шахсест, ки шабу рӯз ба хотири роҳату осоиши тифлаш заҳмат мекашад ва намегузорад, ки фарзанди ӯ ранҷу озоре бинад.

Вай ҳамеша дар талош аст, ки фарзандаш солиму бардам ба камол расад, соҳиби одобу маърифат, илму дониш ва касбу ҳунар гардад ва дар ояндa ба ҷомеа хизмати шоиста намояд.

Яъне дар шуури насли наврас ташаккул додани эҳсоси муҳаббат ба донишу маърифат, одобу ахлоқ, нангу номус ва ватандӯстиву заҳматкашӣ, қабл аз ҳама, хизмати модар мебошад.

Маҳз ба ҳамин хотир, ҳар як фард модарро мисли ҷони худ ва ҳамчун зиннату сафои зиндагӣ дӯст медорад, азиз мешуморад ва ҳурмату эҳтиромашро ба ҷо меорад.

Модар, дар ҳақиқат, сазовори ҳама гуна қадршиносӣ ва дӯстдорӣ мебошад, зеро ӯ меҳрубонтарин инсон барои ҳар як шахс ба шумор меравад.

Мехоҳам бо ифтихор изҳор намоям, ки модарону занон ва бонувони кишвари азизи мо бо рафтори нек, андешаи солим ва маҳорату кордонии худ дар ободиву пешрафти Тоҷикистони маҳбубамон саҳми бузург доранд.

Онҳо имрӯз дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва давлат софдилона кору фаъолият менамоянд ва бо заҳмати бунёдкоронаву ташаббусҳои созандаашон барои рушди давлати соҳибистиқлоламон саъю талош мекунанд.

Нақши занону модарон дар пойдориву устувории оила ва фароҳам овардани фазои орому солим дар хонавода бисёр муҳим мебошад.

Бовар дорам, ки бонувону занони арҷманди мо минбаъд низ ин рисолати муқаддаси худро бо сабру таҳаммули хоси модарони тоҷик иҷро карда, барои тарбияи дурусти фарзандон, ба ҳаёти мустақилона омода кардани онҳо, ҳифзи гармиву баракати хонавода ва мустаҳкам гардидани он ва баланд бардоштани мақоми оила дар ҳаёти давлат ва ҷомеа саъю кӯшиш мекунанд.

Миллати соҳибфарҳангу тамаддунсози тоҷик дар тӯли асрҳои зиёд доир ба одоби оиладорӣ, муносибатҳои хонаводагӣ ва таълиму тарбияи фарзанд суннату меъёрҳое эҷод кардааст, ки онҳо маҳз ба хотири ҳифзи муқаддасоти ҳассосу нозуки муносибатҳои оилавӣ ва тарбияи насли солиму бомаърифат пайравӣ доранд, ба василаи воситаҳо ... арҷманди мо барои наслҳои имрӯзу фардо низ чун мактаби беҳтарини зиндагӣ хизмат мекунанд.

Ба ин маънӣ, занону модарони мо нигоҳдорандаву давомдиҳандаи беҳтарин анъанаҳо ва ойинҳои асилу деринаи халқамон, хусусан, дар тарбия кардану ба камол расонидани фарзандони баодобу соҳибмаърифат ва ватандӯсту далер мебошанд.

Дар замони соҳибистиқлолӣ бонувони тоҷик бо ташаббусҳои худ собит намуданд, ки метавонанд дар ҷодаи соҳибкорӣ низ муваффақ бошанд. Саҳми занону бонувони соҳибкор илова ба соҳаҳои саноату кишоварзӣ дар эҳё намудану тараққӣ додани ҳунарҳои мардумӣ ва бо ҳамин роҳ муҳайё кардани ҷойҳои корӣ барои бонувони хонашин басо арзишманду назаррас мебошад.

Яке аз ҳадафҳои асосии Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ эълон кардани соли 2018 ва Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардуми эълон намудани солҳои 2019-2021 маҳз ба шуғл фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари занону духтарон мебошад.

Бо амалӣ гардонидани чунин иқдомот Ҳукумати мамлакат мавқеи занонро дар рушди соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоӣ таҳким бахшида, барои истифодаи неруи бунёдкоронаи онҳо заминаи устувор фароҳам месозад.

Бо қарори Ҳукумати Тоҷикистон қабул гардидани «Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2011-2020» ҷиҳати таҳияву татбиқи як силсила санадҳои муҳимми марбут ба беҳдошти вазъи иҷтимоиву иқтисодӣ ва маънавии занону бонувон заминаи воқеӣ гузошт.

Дар асоси санадҳои зикршуда як силсила иқдомоти муҳим дар самти баланд бардоштани мақоми зан дар ҷомеа, таъмин намудани иштироки фаъолонаи онҳо дар идоракунии давлат, аз ҳисоби духтарон омода кардани кадрҳои замони нав ва боз ҳам беҳтар гардонидани сиҳатии модару кӯдак амалӣ гардонида шуданд.

Яке аз ғамхориҳои давлату Ҳукумат барои духтарони деҳоту ноҳияҳои дурдаст муқаррар намудани квотаи президентӣ мебошад, ки тавассути он то имрӯз ҳазорон нафар духтарон муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро хатм карда, ҳоло дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва давлат муваффақона кору фаъолият доранд.

Дар робита ба ин, мехоҳам таъкид намоям, ки падару модарон набояд пеши роҳи таҳсили фарзандонро гиранд, баръакс, кӯшиш намоянд, ки онҳо таҳсил карда, соҳибмаърифат ва соҳиби касбу ҳунар шаванд ва дар зиндагӣ ба мушкилот дучор нагарданд.




Шумо хуб медонед, ки агар бонуи хонадон босавод бошад, метавонад фарзандони худро тарбияи дуруст диҳад, онҳоро солиму бардам ва ҳамчун шахсиятҳои соҳибмаърифат ба камол расонад, яъне оилаи намунавӣ барпо намояд.

Ҳукумати мамлакат амалӣ гардидани тадбирҳоеро, ки дар доираи барномаҳои қабулшудаи давлатӣ пешбинӣ шудаанд, ҳамаҷониба таъмин намуда, чунин сиёсатро дар оянда низ идома хоҳад дод.

Зимнан, хотирнишон месозам, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон аз лиҳози фоизи намояндагии занону бонувон дар мақомоти шохаҳои гуногуни ҳокимият дар ҷаҳон яке аз ҷойҳои намоёнро ишғол мекунад.

Итминон дорам, ки занону бонувони соҳибмаърифат ва бонангу номуси тоҷик бо шукронаи озодиву соҳибихтиёрии давлатамон ва фазои орому осудаи кишварамон бо истифода аз шароиту имкониятҳои муҳайёкардаи Ҳукумати мамлакат барои пешрафти Ватани маҳбубамон содиқона ва боз ҳам бештар заҳмат мекашанд, ба хотири тарбияи насли ояндасози миллат саъю талоши бештар мекунанд, дар чаҳорчӯбаи қонунҳои миллиамон - "Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон" ва "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" амал карда, ҷиҳати беҳтар шудани некуаҳволӣ ва шароити зиндагии хонаводаҳои худ саҳми модаронаашонро мегузоранд.

**Модарону бонувони муҳтарам!**

Моҳи март бо ҷашни шумо оғоз гардида, бо яке аз ҷашнҳои бостонии мо - Наврӯз, яъне соли нави аҷдодиамон идома меёбад. Ин айём беҳтарин рӯзҳое мебошанд, ки шумо хурсандӣ кунед, либосҳои зебои миллии чакан ва атласу адрасро ба бар карда, онҳоро таблиғ ва оммавӣ гардонед, ба тозагиву ободии хонаву кошона бештар машғул шавед ва ҳунари кадбонуҳои миллати қадимаву фарҳангиамонро боз ҳам густариш бахшед.

Мо - мардон вазифадорем, ки ҳамеша ба қадри ранҷҳои кашидаи модарон, заҳмату хизматҳои занону духтарони худ ва ба умеду интизориҳои онҳо расем. Мо набояд фаромӯш кунем, ки аз пайғамбарон сар карда, тамоми нобиғаву алломаҳои башар аз домони поки модар ба дунё омадаанд ва дар оғӯши гарми ӯ бузург шудаанд.

Мо дар асри бисту якум – замони пешрафти илму техника ва дастовардҳои бесобиқаи ақли инсонӣ зиндагӣ дорем. Аз ин лиҳоз, бояд аз эҳсосоти хушунатомез ва тафаккури ақибмондаи хурофотӣ озод бошем, шаъну шараф ва ҳайсияти занону духтаронро эҳтиёт ва эҳтиром кунем, ба онҳо, яъне бонувону духтарон бо назари нек ва бо иззату ҳурмат муносибат намоем.

Мо бояд доим дар ёд дошта бошем, ки парваридаи модари боиффату соҳибмаърифати тоҷик ва намояндаи яке аз миллатҳои куҳанбунёду тамаддунсози дунё мебошем.

Бо истифода аз фурсат, хотирнишон менамоям, ки нигоҳубину парастории модару падар дар пиронсолӣ низ қарзи фарзандӣ ва вазифаи ҷавонмардии мо мебошад. Зеро савоби парастории волидайн ва баракати дуои онҳо дар дини мубини ислом бо ҳаҷҷи акбар баробар дониста шудааст.

Бо ибрози беҳтарин ниятҳои нек ҳамаи шумо, модарону бонувони арҷманд ва хоҳарону фарзандони азизаро бори дигар ба ифтихори ҷашни фархундаи Рӯзи модар табрик мегӯям ва ба ҳар яки шумо тани сиҳат, иқболи баланд, дар хонадонатон осоишу оромӣ ва хушбахтиву файзу баракат орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, модарони меҳрубон, бонувони гиромӣ, хоҳарони арҷманд ва фарзандони азиз!**

---

# МАВРИДИ БАРРАСӢ –

## ДУРНАМОИ РУШДИ ҲАМКОРӢ



Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо муовини вазири таовун, кор ва рифоҳи иҷтимоӣ ва раиси Созмони омӯзиши техникӣ ва касбии Ҷумҳурии Исломии Эрон Ғуломҳусейн Ҳусейниниё ва сафири фавқулода ва мухтори Ҷумҳурии Исломии Эрон Муҳаммадтақӣ Собирӣ мулоқот анҷом дод.

Дар мулоқот вазъи кунунӣ ва дурнамои рушди ҳамкорӣ байни Ҷумҳурии Исломии Эрон ва тақвияти ҳамкорӣ дар ин самт, мавриди баррасӣ қарор гирифт. Ҷонибҳо зимни вохурӣ оид ба татбиқи Ёддошти тафоҳум байни Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати таовун, кор ва рифоҳи иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон оид ба ҳамкорӣ дар соҳаи кор, омӯзиши касбӣ ва техникӣ табодули назар намуданд.

Дар мулоқот ҷонибҳо таъкид доштанд, ки ба омӯзиши касбҳои техникӣ фаро гирифтани аҳолӣ ба рақобатпазирии қувваи корӣ ҳам дар дохил ва ҳам дар бозори меҳнати хориҷи кишвар мусоидат менамояд, ки ба роҳ мондани ҳамкориҳо дар ин самт ба мақсад мувофиқ аст.

Барномаи сафари гурӯҳи кории Вазорати таовун, кор ва рифоҳи иҷтимоии Ҷумҳурии Исломии Эрон то 16 марти соли равон идома меёбад.



АГЕНТИИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ: 236-96-02

# ШАШ ДУОИ САБЗ

**Бузургону паямбарон ва қаҳрамонони олам дар домани поки модар зода, бо дуои сабзи ӯ шукуфтаву бар симати номвариву шуҳрат расидаанд. Пас, ба фарзандони фарзонаи миллати тоҷик, хоссатан қаҳрамонони Тоҷикистон – Садриддин Айнӣ, Бобоҷон Ғафуров, Эмомалӣ Раҳмон, Мирзо Турсунзода, Нусратулло Махсум ва Шириншоҳ Шоҳтемур модарони арҷманду гаронқадрашон чӣ гуна дуо медоданд? Мақолаи зер перомуни ҳамин суоли матраҳ аст.**



### Бону Зеварой: «Ба ҳазор дарой, писарам...»

Дар аввалҳои тобистони соли 1306 ҳиҷрӣ (моҳҳои июни соли 1889) дар шаҳри Бухоро бемории вабо чун мусибати вазнин доман густард ва тамоми хонаводаҳоро фаро гирифт. Садриддин модарашро бар сари маййити тағояш - ба Маҳаллаи Боло бурд. Дар он ҷо бар андоми модар вабо расид ё ба марги бародараш бисёр сӯхт, ки бемори сахт ёраш шуд. Садриддин модарро аз нав ба маркаб савор кард ва ба илоҷе назди падар овард. Дар хона падар ва бародарони хурдсол, ки яке нуҳ ва дигаре чор сол дошт, ба бистари беморӣ афтода буданд. Хона беморхонаеро мемонд, ки дар он пизишк, бародари шафқат ва ҳам ягона дастёр танҳо Садриддин маҳсуб мешуд. Дар хонаи ҳафтболоре, ки панҷ бемор қатор мехобид, вай бо навбат ба ҳар кадом об, оби ҷӯш, ё ин ки шир медод, магасҳоро меронд, берун баромадан мехостанд, ба қадри тавон ёрӣ мерасонд ва аз рӯйи виҷдону бе лабшиква суннати хайрулбашарро ба ҷо меовард.

Гоҳе ки падари хонавода бар асари вабо вафот кард, модари Айнӣ ҳам хеле лоғару бемадор гашт ва тағояш ӯро аз деҳаи Соктаре аз нав ба Маҳаллаи Боло - ба хонаи модарӣ бурд. Дар он ҷо Садриддини 11–сола модарашро лангардорӣ ва хидмаати фарзандиашро адо кард.

Пас аз солҳо ин лаҳзаро нависандаи бузурги тоҷик Садриддин Айнӣ ба ёд оварда, дар асари безаволаш «Ёддоштҳо» навиштааст: “Вақте модарам дар бистари беморӣ лоғару бемадор буд, ман аз вай чашмонамро мегурезондам, то ашкамро набинад”.

Хидматҳои камназири Садриддини навболиғ дар ҳаққи аҳли оила буд, ки модар, гоҳи назъи ҷон, ризоманду қонеъ аз фарзанд дуояш дод: «Ба ҳазор дарой, писарам…»

Дуои модар мустаҷоб шуд; номи устод Садриддин Айнӣ - Қаҳрамони Тоҷикистон дар таърихи миллати тоҷик бо асарҳои безавол ва хидматҳои шоистааш ҳазорсолаҳо зинда хоҳад монд.

### Розия Озод: «Худованд дар паноҳи исматаш нигаҳдор бошад...»

Боре, дар як мулоқот бо намояндагони ВАО, хабарнигоре аз аллома Бобоҷон Ғафуров суол кард:

– Оё модари Шумо шоир Розия Озод дар эҷоди шоҳасари «Тоҷикон» саҳме дорад?

Бобоҷон Ғафуров ба тафаккур фурӯ рафт ва пас сар боло карду посух дод:

«Меҳрубониҳои модари азизамро наметавонам, ки дар як суҳбати кӯтоҳ пурра баён кунам. Ҳамаи онҳо дар дилам чун дар бойгонӣ қабат-қабат ҷо гирифта, маро зинда нигоҳ медоранд. Фақат ин қадар мегӯям, ки агар меҳрубонӣ, ғамхорӣ, дуоҳои нек ва дилбардориҳои модари арҷмандам чун нурҳои нарми хуршед доиман бар сарам намерехтанд, асари «Тоҷикон»-ро рӯЗоқилтар аз мардон буд, ҳама чизро зуд эҳсос мекард. Гумонам, ки андомаш ҳам лаҳми дил буд. Пас, ба шумо ва ба ҳамаи ҷавонони миллатамон бо забони Шайх Саъдӣ таъкид месозам:

***Зи модар меҳрубонтар нест дар қонуни инсонӣ,***
***Ба модар меҳрубонӣ кун, агар марди мусулмонӣ!»***

### Бибӣ Марям: “Худовандо, фарзандамро аз халқ ҷудо накун!”

Бибӣ Марям Шарифова, модари Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қаҳрамони Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар деҳа мисли дарахти пурборе буд, ки дар шохааш мурғҳои марҷон роҳат ғунуда ва ҳама дар паноҳи сояи ин ҳумоюндарахт оромишу саодат доштанд, маслиҳат гирифта, рӯишу сабзиш медиданд.

Агар бо садҳо занону бонуҳое, ки Бибӣ Марямро аз наздик мешинохтанд, ҳамсуҳбат шавед, бо як мазмун ва самимона дар васфу ситоишаш мегӯянд: «Бибӣ Марями муқаддас пирони хастаро ба ханда водор менамуд, ятимонро хурсанд мекард, ниёзи беавоёнро бароварда месохт, дармондагонро бекасу танҳо намегузошт, дасти уфтодаҳоро мегирифт, бар сари болини беморон мегузашт, модарони серфарзандро парасторӣ мекард ва суннатҳои хайрулбашарро орифонаву отифона ба ҷо меовард. Ин модари ғамхору дилсӯз дар дилу дидаи ҳамагон он гуна азизу мукаррам ҷо гирифтааст, ки ҷаннати дарбастаро дар зиндагӣ барои худ боз сохтаанд».

Ин ҳама сифатҳову хирадҳои азалии модари муқаддас - Бибӣ Марям ба Пешвои муаззами миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон мерос монданд. Зеро ба ҳар иқдоме, ки фарзанди Фарзонаи миллат камар мебанданд, дасти дуо бардоштани модари арҷманд ҳатман пеши назарашон меояд ва тамоми ташаббусу эҳтимоми созандаашон ҳатман ҷомаи амал мепӯшад. Чаро ки модари покниҳод дар зиндагӣ ҳамеша аз рӯйи лабонаш ин гуна дуо мерехт: “Парвардигоро, фарзандам аз миёни халқ баромадааст, ҳеҷ вақт аз халқ ҷудояш накун!”

Ин аст, ки муҷассамаи боҳашмати «Дасти дуои модар» дар Хуҷандшаҳри бостон қомат афрохту дар дилу дидаҳои ҳазорон ҳазор ваҷду шаафи саршор барангехт. Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, гоҳи пазироии иншооти ҷашнии бахшида ба 30-солагии Истиқлоли Тоҷикистон (соли 2021), дар пойи ин шоҳкории нотакрор, ҳарчанд ки ҳаво сард буду шамол мевазид ва майдаборон ба сару рӯ рехта, дар ду чашмаш ашки гарм ҳалқа зада буд, амиқан ба дунёи андеша фурӯ рафтанд; ҷаҳони фарогиру чеҳраи модарашонро бо муҳаббат пеши назар оварда, бунёди муҷассамаро аз бузургтарин арҷгузорӣ, эҳтироми хосу волои фарзандон ба тамоми модарони шарафманди тоҷик донистанд.

### Бону Холбибӣ: «Дуо мекунам, ки фарзандам шоир шавад...»

Модари устод Мирзо Турсунзода Холбибӣ ном дошт ва соли 1920 аз сабаби хуруҷи бемории вабо аз олам даргузашт. Он рӯзгор синни Мирзои хурдсол ҳамагӣ ба нуҳ мерасид. Ва мӯйсафедони аъзам мегуфтандаш: “Модари раҳматиат ҳамеша дуо мекард, ки ту шеър нависӣ, шоири номдор бишавӣ”.

Воқеан, Мирзо Турсунзода огаҳ гашта буд, ки модараш қобилияти бо хати форсӣ хондану навиштан дошта, бо меҳрубониву ғамхорӣ ва босаводӣ миёни мардум маҳбубияти зиёд касб намуда будааст. Шоир ҳам то охири умр бо хати ниёгон шеър менавишт.

Қаҳрамони Тоҷикистон Мирзо Турсунзода ба ҳар зане, ки шеър бахшидаву тимсоли мондагор сохтааст, аз он бӯйи ҳастӣ, пазмонӣ ва меҳру муҳаббати бекарони модар ба димоғ мерасад. Аслан, асрори офариниши чеҳраи зан дар ашъори шоир асосан ба муҳаббати модар рабт дорад ва маҳз ҳамин муҳаббати густардаву жарф Турсунзодаро шоири ҷаҳонӣ кард.

### Бону Шарифмо: «Худованд саратро ҳамеша сабз нигоҳ дорад...»

Бону Шарифмо - модари Нусратулло Махсум дар баробари зани покдоману нексиришт будан аз хату савод низ бархурдор буд. Ӯ бонуи басо меҳрубону хушбин буд. На танҳо дар таълиму тарбияи шоистаи фарзандони худ, бал дар хату саводомӯзии занони дигари сокини собиқ Ҷамоати деҳоти Қазноқи ноҳияи Рашт низ нақши арзишманд дошт, онҳоро аз умури рӯзгордорӣ ва барпо намудани базму маъракаҳо мададу машварат медод.

Тавре шоҳидон ҳадс мезананд, гоҳе ки Нусратулло (соли 1897) барои мардикориву таҳсил ба Фарғона озими сафар мегардад, он соат 16 сол дошт ва роҳтӯшааш дуои руҳбахши модар буд, ки даст ба осмон бардошту бар забон овард: «Худованд саратро ҳамеша сабз нигоҳ дорад, пиёлаи умратро аз ҷӯйи худат пур кунад, даруни сина дили бедорат диҳад, ҷавлонгаҳу ҳиммати баланд дар ҳар диёр атоят кунад, қадамгоҳатро ба нури офтоб рӯшан намояд, доимо Мавлавиву Бедилу Ҳофизу Хӯҷаи Хизр-ро сарварат созад!...»

Дуои модар як умр дар зеҳну ёди Нусратулло Махсум барҷой буд.

### Бону Майсара: «Хонаат аз илму маърифат арши Худо гардад!»

Рӯзу рӯзгори номарду дилгазон барои бону Майсара – модари Шириншоҳ Шоҳтемур чун чӯби дарахти тӯс сахту ношикан ғалтида буд. Аз фарти ташвишҳои бесарунӯк ва нодорӣ лоғару абгор гашта, ба сураташ ҷо-ҷо доғҳо уфтода буданд. Гоҳҳо сукути андуҳзое дар чашмонаш хона меандохт, аммо шиква барояш бегона буд, ас гила бар забон намеовард, бо сабурие, ки хоси модарони пайғамбарзост, тамоми ранҷу мушкиларо ба худ пазируфта, ҳеҷ гоҳ «оҳ» намегуфт. Модари сахтҷоне буд, ки аз дунболаш на танҳо Шириншоҳ, бал 10 нафари дигар бо умед гом мекашид. Ӯ ба хотири фарзандон якбора аз по афтодан, шикастан ва ҳатто сари мӯ калавидан намехост. Руҳ ва иродаи тавонои модариву парасторӣ тору пудашро гунае фаро гирифта буд, ки аз ёфтаҳо чағзро худ хӯрда, мағзро барои фарзандон медод.

Бо вуҷуди ин ҳама, модари хушназар Ширинșоҳро назди муаллими деҳа – охон Шоҳзодаэрон бурд ва хоҳиш кард, то ӯро аз таълиму тадрис баҳравар гардонад. Муаллими бофаросату дилогоҳи деҳистон шогирдони зиёд дошт, аммо дар сурати хушгили Шириншоҳ магар офтоб дид, ки ҳамон меҳрубонӣ карду гарм пазируфташ.

Шириншоҳ аз рӯзҳои аввал дар байни шарикдарсон пештоз буд, зеро он чи муаллим ба шогирдони худ ёд медод, ӯ аллакай аз модараш омӯхта ва ҳусни хаташ низ хеле зебо гашта буд. Ба ин тариқ, ҷаҳду ҷадали модар роҳи Шириншоҳ Шоҳтемурро ба сӯи илму дониш ва ҷаҳони маърифат мунаввар сохт. Вале афсӯс, ки умр барои модар вафо накард, ҳосили ранҷашро надид. Гоҳе ки дар назъи ҷон қарор дошт, рӯ ба Шириншоҳ овард ва васият кард: «Ҷони оча, бихон, боилму дониш бишав! Бигзор, банди ҷонам сӯзад, лекин ту дар амон бош! Бигзор, ки аз дунё рахти сафар бандам, аммо ту ба раҳи донишу хирад қадам бимон! Илоҳо, хонаат аз илму маърифат арши Худо гардад!...»

Ва Шириншоҳ Шоҳтемур дар васияти модар устувор монд ва ба Ватану миллат он гуна хидмат кард, ки ҳам номи худ ва ҳам номи муборакӣ модараш – бону Майсараро ҷовидон гардонд.

**С. ЗАРДОН**

МД «МАРКАЗИ ТАЪЛИМИ КАЛОНСОЛОН»: 250-35-42, 250-35-44

# ҶОЙГОҲАТ, МОДАРО, ТОҶИ САРИ МЕҲАН БУВАД!

***Вожаест азизу зебо, вожаест муқаддас, ҳамрадифи Ватан, ҳамрадифи Замин. Вақте ин вожа ба забон меояд, бидуни ихтиёр табъҳо равшан, чашмҳо мунаввар ва олам зеботар мегардад. Чӣ вожаест дилангез, вожаи модар! Дар он тароватест, ки руҳи моро тозаву муаттар медорад. Вожае чун рӯди мусаффо, чун чашмаи зулол сафобахши ҷисму ҷони инсон! Вожае, ки ба мо умеду тавону бовар мебахшад.***



Модар азизтарин вуҷуди рӯи замин мебошад ва зиндагӣ аз нафаси гарму дилнавози ӯ оғоз мегирад. Мо вуҷуди муқаддаси модарро аз аввалин лаҳзаҳои ҳаёт то дами вопасин фаромӯш намекунем, чун ӯ ҳангоми шодиву нишот ва ғаму андуҳи зиндагӣ ҳамеша ҳамраҳи мост. Чӣ садои навоангезе дорад ин вожа, чи шаҳде дорад, ки аз он комҳо ширин мешаванд!

Вожае, ки ба мо шукуфоии гулҳову таровиши хуршед, умеду неру, эътимоду эътиқод ва файзу фараҳ мебахшад!

Барои миллати хирадпеша ва куҳанбунёди тоҷик, ки "ҷаннатро дар хоки қудуми модарон" дидааст, парастиш ва эҳтироми модар, арҷгузорӣ бар ӯ ҳамеша волотар аз ҳама чизи дигар буду ҳаст. Метавон муҷассамаи хираду фазилат, некиву футувват, меҳру муҳаббатро дар симои модари тоҷик бунёд гузошт. Марому мақоми баланду эҳтироми зан ва модари тоҷикро худи таърих, имтиҳони гарони рӯзгори модар дар тӯли асрҳо муайян намудааст.

Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бузургиву беназирии Модарро ситоиш намуда, гуфтаанд: "Бешак, дар ҷомеае, ки сафи занҳои босаводу бомаърифат меафзояд, пешравӣ босуръат хоҳад буд ва дар он шумораи ҳар чӣ бештари фарзандони хуб тарбия хоҳанд ёфт".

Зан офарандаи нотакрори табиат, асоси саодатмандиву шукуфоӣ ва неруи пешбарандаи ҷомеа аст. Саодату сарфарозии мардум аз тинати поку ҳидояти неки модарон ва заҳмати шоистаи занони сарбаланду нозанини мост. Танҳо зани покгавҳар, нексиришт, ватанпарвар, хушахлоқ ва бомаърифат қодир аст бунёдгари ҷомеаи босаодат бошад.

Модари тоҷик модари нобиғагону бузургони оламшумул аст. Ӯ бузургон ва абармардонеро ба дунё овардаву парвариш додааст, ки агар ном бубарем, саҳифаҳои зиёдеро бояд пур созем. Ба монанди Одамушшуаро Рӯдакӣ, Шайхурраис Бӯалӣ Сино, Ҳаким Умари Хайём, Мавлоно Ҷалолуддини Балхӣ, ҳакимони замон Ал Форобиву Ал Хоразмӣ, Шайх Саъдиву Мавлоно Абдураҳмони Ҷомӣ ва даҳҳову садҳои дигар, ки ҷаҳонро бо илму фарҳангу маърифати худ тасхир намудаанд. Чӣ ҷойи шубҳа, ки устоди нахустини ин бузургворон, ки ном бурдем, пеш аз ҳама, зан-модари тоҷик будааст.

Мо аз таърих медонем, ки занмодари тоҷик ҳам шоҳ будаасту ҳам сарвари шуҷоъ ва хирадпешаи сарзамини худ. Шуҷоату корномаи таърихии Томарис - шоҳи Мовароуннаҳр, ин сарзамини далерон, ки барои дифои кишвари худ ва интиқоми шавҳару фарзанди шаҳидаш ба майдони набард баромадаву душманро мағлуб кардааст, дар ёдҳо боқист.

Далели дигар ин ки бонувони тоҷик дар замонҳои ҳассос ватандӯстона ҷавшан ба тан кардаву силоҳ ба даст гирифта, далерона ба ҳимояи ватани худ бархоста, дар майдонҳои набард на кам аз мардон қаҳрамониву шуҷоат ва ҷоннисорӣ нишон дода, ватанро аз истилои таҷовузгорон эмин доштаанд ва чунин корномаҳо дар саҳифаҳои таърих кам нестанд.

Дар гӯшаҳои гуногуни Тоҷикистон то имрӯз мавзеъҳое бо номи "Чилдухтарон" маҳфузанд. Қиссаи чилдухтаронро ҳама медонад, чил духтаре, ки ҳангоми тиҳӣ мондани деҳа аз мардон, вақте душмани истилогар ҳуҷум мекунад, мардонавор силоҳ ба каф мегиранду ҷоннисорона бар ҳимояи шарафи ватаншон бармехезанд ва то охирин неру меҷангиданду дар майдони муҳориба қурбон мегарданд, аммо таслим намешаванд. Чунон ки гуфтаанд: "Ҳама сар ба сар тан ба куштан деҳем, аз он беҳ, ки кишвар ба душман диҳем!".

Чунин мавзеъ-мазорҳо дар тамоми гӯшаҳои кишвар вуҷуд доранд, ки то имрӯз мардум онҳоро пос медоранд. Дар Муъминобод, Панҷакент, Суғду Хатлону Рашттон…- дар ҳама гӯшаҳои Тоҷикистон як Чилдухтарон ҳаст. Ва онҳо далели шуҷоати занони ватандӯсти тоҷиканд.

Агар имрӯз миллати сарбаланди мо баъд аз он қадар ҷаврҳои таърих, он қадар тохтутозу торoҷгариву хунрезиҳои душманон боз ҳам зиндаву поянда мондааст, ин бе иштирок, бе шарофату ҷоннисорӣ, ақлу заковати баланди зан-модари тоҷик наметавонист бошад.

Арҷгузорӣ ба зан, яъне ба Модар ва ба оила, яъне ба сарчашмаи бунёди ҷомеаи инсон ва инсонияти дар диёри арҷманди мо ҳамеша баланд буду ҳаст. Имрӯз, вақте Тоҷикистони азизи мо соҳиби Истиқлолияти давлатӣ шуд, ин арҷгузорӣ ба сурати боз ҳам дурахшонтару шукӯҳмандтар аз ҷониби Ҳукумати Тоҷикистон ва Пешвои миллат зуҳур кардааст.

Зани тоҷик ҳамеша ва имрӯз ҳам сазовори он аст, ки дар пеши азамату ҷоннисориҳои модаронаи ӯ сари саҷда фуруд оранд, зеро зани тоҷик бештар аз як зан, бештар аз як модар аст. Боре, ки ӯ бар дӯши худ гирифтааст, хеле фузунтару фарогиртар аз рисолати ӯст. Ба ҷуз ин, ки ӯ моро ба дунё овардааст, шабҳо нахобидаву ҳама гаронииҳои рӯзгорро таҳаммул намудаву моро парварида, ба роҳи бузурги зиндагӣ баровардааст, боз ӯ тамоми бори гарони рӯзгори хонаводаро бар дӯш дорад. Хусусан дар деҳот, дар кӯҳистон, ки Тоҷикистони мо саросар кӯҳистон аст. Дар куҷо дидаед, ки як зан соҳиби ин қадар касбу кору ҳунар бошад? Зан дар хонавода, зан дар саҳро, зан дар коргоҳ, зан дар гиру мони рӯзгор, зан дар ҷомеа, зан ҳамчун ҳамсар, зан ҳамчун модар ва ғайраву ғайраҳо.

Дар бисёр мавридҳо, хусусан баъд аз ҷангҳои нангини шаҳрвандӣ, ки мардони зиёдеро аз байн бурд, зани тоҷик дар бисёр хонаводаҳо ҳам падар буду ҳам модар. Имрӯзҳо ҳам, ки қисми зиёди мардони кишвари мо дар муҳоҷирати меҳнатӣ ҳастанд, ҳамин тавр аст, дар ин хонаводаҳо зан аст, ки ҳам мард асту ҳам зан, нигаҳдорандаи гулхани фурӯзони рӯзгор. Пас кист зани тоҷик, агар қаҳрамон нест?!

Имрӯз ба шарафи Истиқлолияти давлатӣ ва дар партави хираду муҳаббати Пешвои миллати мо, бубинед, чӣ гуна арҷгузорӣ ва дастгирӣ аз занону духтарон, аз бонувон ба амал бароварда мешавад. Ҳеҷ гоҳ дар тӯли таърихи дарозу пурмоҷарои миллати мо зани тоҷик дар ҷомеа ин қадар соҳибэҳтирому соҳибмақом ва болонишин нагардида буд, чунон ки имрӯз аст. Имрӯз дар ҳама мақомҳои баланди ҷамъиятиву давлатӣ мо дурахши чеҳра, дурахши хираду ҳунару муҳаббати занҳоро мебинем ва ин беҳуда нест. Зеро дар он ҷойе, ки зан ҳаст, дар он ҷо раҳму шафқат, адолат, зебоишиносӣ, одамгариву хайрхоҳиву накӯкорӣ низ ҳузур дорад.

Ба шарофати ҳамин сиёсати арҷгузорӣ ба зан-модар аст, ки дар Тоҷикистони соҳибистиқлола мон рӯзи иди бонувонро Рӯзи Модар номгузорӣ кардаанд. Дар ин мафҳум маъное ироа мешавад, ки ин ид, ин рӯзро шоиставу муқаддас мегардонад, зеро марбут ба номи модар аст. Гумон мекунам, роҳбарияти кишвари мо, вақте ки дар таҳия ва қабули қонунҳо дар бораи масъулияти падару модар, танзими маросим, роҳандозии озмунҳои наве, ки ҳадафи баланди миллӣ доранд, иқдом пеш гирифтанд, яқин аст, ки пеш аз ҳама, ба саҳми модари тоҷик, ба хираду фазилати ӯ такя ва эътимод доштанд.

Аз соли 2006 бо дастгирии Пешвои миллат барои дастгирии занони соҳибкор грантҳои президентӣ ҷудо карда мешаванд. Маблағе, ки аз ҷониби Комиссияи озмунҳои грантҳои президентӣ ҷудо карда шудааси, имрӯз ба чандин миллион сомонӣ расидааст.

Эҳёи ҳунарҳои миллӣ, таъсиси корхонаҳои хурди истеҳсолӣ, ҳунарҳои дастии қолинбофӣ, сабадбофӣ, кашидадӯзӣ, дӯзандагӣ, парвариши чорво, боғдорӣ, зироаткорӣ, занбуриасалпарварӣ… ва ғайраро оё метавон бе ширкату саҳми бонувон тасаввур кард?

Баъд аз эълон шудани Солҳои рушди деҳот, сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ нақш ва фаъолияти занони деҳоти тоҷик боз ҳам баландтар бардошта шуд. Зеро амалӣ гардидани ин барномаи Ҳукумат бе иштироки фаъоли занони деҳот ва саҳми онҳо номумкин менамояд.

Имрӯз боз ҳам ба шарофати ҳамин зан – модари заҳматкаши тоҷик дастурхони мо аз сабзавоту мева, зироати гуногун, ширу қаймоқи лазиз ва даҳҳо номгӯи дигари маҳсули дастони пурзаҳмати ӯ файзу баракат дорад.

Беҳуда нест, ки бузургони ҷаҳон бо муҳаббату самимияти баландтарин ҳама ситоиши модар кардаанд ва зеботарину дурахшонтарин дурри суханро нисори қудуми модарон намудаанд.

Навсандаи машҳури дунё Халил Ҷуброн мегӯяд: Модар зеботарин вожаест, ки инсон ба забон овардааст.

Дар ин радиф нависандаи маъруфи ҷаҳонӣ Оноре де Балзак навиштааст: Ояндаи миллат дар дасти модарон аст.

Нависандаи номдори рус Максим Горкий низ ба ин гуфтаҳо ҳамроҳ гардида гуфтааст: Бе офтоб гул, бе муҳаббат хушбахтӣ, бе зан ишқ ва бе модар инсон вуҷуд надорад!

Бале, чунон ки бузурги дигаре нигоштааст: Дасте, ки гаҳвораро меҷунбонад, дунёро сарварӣ мекунад ва ин даст бешубҳа, дасти модар аст.

Хушбахтона, имрӯз арҷгузорӣ ба зан, ба модар, ғамхориву дастгирӣ аз ӯ дар мадди аввали сиёсати давлатдории Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Президенти муҳтарами он истодааст, ки ин масъулияту муҳаббати ҳамешагии моро нисбат ба занону модарону хоҳарони азизамон шукӯҳмандтар мегардонад.

**Камол НАСРУЛЛО,**
**Шоири халқии Тоҷикистон**

МД «АГЕНТИИ БОКОРТАЪМИНКУНӢ ДАР ХОРИҶА»: 221-40-15

# ҲАМКОРИҲО БО ШАРИКОНИ РУШД ТАҚВИЯТ МЕЁБАНД

**10 марти соли 2023 ҷаласаи навбатии Шурои ҳамоҳангсозии донорҳо ва шарикори рушд дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ баргузор гардид.**

**Дар ҷаласаи мазкур муовини Сарвазири Ҷумҳурии Тоҷикистон Сатториён М., намояндагони вазорату идораҳо, шарикони рушд, ташкилоту созмонҳои байналмилалӣ ва сафоратҳои давлатҳои хориҷӣ ширкат намуданд.**



Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Ҳасанзода Г. ҷаласаро ифтитоҳ намуда, қайд кард, ки ҷиҳати иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки 23 декабри соли 2022 зимни ироаи Паём ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр гардиданд, вазорат як қатор корҳои назаррасро дар робита ба ҳадафҳои Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва амалӣ намудани Консеспсияи рушди шуғли пурмаҳсул барои давраи то соли 2040 бо таваҷҷуҳ ба шуғли ҷавонон ва




навоварӣ тавсеаи шуғли пурмаҳсул, ҷалби занон ба меҳнати арзанда, диверсификатсияи раванди муҳоҷират ва кӯшиши додани шуғли ғайрирасмӣ амалӣ карда истодааст.

Дар ин раванд дар ҳамкорӣ бо шарикони рушд зиёда аз 10 лоиҳаи грантию инвеститсионӣ бо Созмони Байналмилалии Муҳоҷират, Бонки Осиёи Рушд, Иттиҳоди Аврупо, Ҷамъияти олмонӣ оид ба ҳамкориҳои байналмилалӣ (GIZ), Хазинаи кӯдакони СММ (ЮНИСЕФ), Маркази байналмилалии рушди сиёсати муҳоҷират, Ҳайати Шафқат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар ташкилотҳои байналмилалӣ мавриди татбиқ қарор доранд.

Мақсад аз баргузории ҷаласаи мазкур фароҳам овардани имконият барои назорати рафти иҷрои лоиҳаҳои дуҷониба ва муайян намудани самтҳои нави ҳамкориҳо дар доираи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ва Консепсияи рушди шуғли пурмаҳсул дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 ҷиҳати расидани ба Ҳадафҳои рушди устувор бо назардошти таъмини шуғл, имкониятҳо барои гирифтани таҳсилоти касбии дастрас, инчунин ҳифзи иҷтимоии табақаҳои осебпазири ҷомеа, диверсификатсия ва тақвият бахшидан ба бозори меҳнат мебошад.

Аз ҷониби дигар, ҷалби донорҳо ва шарикони рушд бо имкониятҳои мавҷудаи ҷумҳурӣ ҷиҳати таъсиси ҷойҳои корӣ ва тавсеаи шуғли пурмаҳсул барои сокинони минтақа, рушди хизматрасониҳои рақамӣ, ташкили омӯзиши касбу малакаҳо, рушди ҳунармандӣ ва иштироки ҷавонон дар экосистемаи иқтисодии кишвар ва дар маҷмуъ дар татбиқи ҳадафи чоруми стратегии саноатикунонии босуръат ва тавсеаи рушди шуғли пурмаҳсул дар кишвар мебошад, ки метавонад ба нишондиҳандаҳои иқтисодию иҷтимоии кишвар таъсир расонад.

Зимни ҷаласа рӯнамоҳо оид ба самтҳои фаъолияти вазорат ва нақшаҳои минбаъдаи ҳамкорӣ пешниҳод шуда, иштирокчиён, аз ҷумла шарикони рушд доир ба амалӣ гардидани онҳо ибрози назар намуданд.

Ҳамзамон, ҷиҳати густариши ҳамкориҳо бо шарикони рушд ва рушди минбаъдаи соҳаҳои меҳнат, муҳоҷират, шуғли аҳолӣ, таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва таълими калонсолон пешниҳоду тавсияҳои судманд манзур гардиданд.

# МУЛОҚОТ БО ВАЗИРИ МЕҲНАТ

## ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия



3 марти соли 2023 дар толори маҷлисгоҳи вазорат мулоқоти вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия Антон Котяков, ки дар доираи сафари Раиси Ҳукумати Федератсияи Россия дар Тоҷикистон ба Душанбе ташриф овардааст, баргузор гардид.

Дар мулоқот доир ба масъалаҳои мубрами ҳамкориҳои минбаъдаи дуҷониба дар доираи санадҳои баимзорасида, аз ҷумла Созишномаи байни Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Ҳукумати Федератсияи Россия оид ба ҷалби муташаккилонаи шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон барои амалӣ намудани фаъолияти меҳнатии муваққатӣ дар ҳудуди Федератсияи Россия, муносибатҳои меҳнатӣ ва ҳифзи меҳнат мубодилаи афкор сурат гирифт.

Аз ҷониби вазорат оид ба самтҳои фаъолият рӯнамоҳо ва пешниҳодҳо манзур шуда, ҷониби Вазорати меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия омодагии худро ҷиҳати рушди ҳамкорӣ иброз намуд.

Зимни ташриф вазири меҳнат ва ҳифзи иҷтимоии Федератсияи Россия Антон Котяков аз МД "Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон" боздид ба амал оварда, бо заминаи моддию техникии муассиса шинос шуд.

# МУЛОҚОТ БО САФИРИ ҶУМҲУРИИ КОРЕЯ



9 марти соли равон вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Гулнора Ҳасанзода бо сафири Ҷумҳурии Корея дар Ҷумҳурии Тоҷикистон Квон Донг Сок мулоқот намуд.

Зимни мулоқот ҷонибҳо оид ба диверсификатсияи муҳоҷирати меҳнатӣ, баимзорасонии лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба интиқоли қувваи корӣ ба Ҷумҳурии Корея, воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи иҷозати кор дар Ҷумҳурии Корея ва механизми татбиқи созишномаҳои баимзорасида байни сохторҳои вазорат ва музофотҳои Ҷумҳурии Корея оид ба ҷалби қуввваи корӣ аз Ҷумҳурии Тоҷикистон барои корҳои мавсимӣ дар Ҷумҳурии Корея, мубодилаи афкор намуданд.

Ҷаноби Квон Донг Сок омодагии худро ҷиҳати мусоидат дар баррасӣ ва баимзорасонии лоиҳаи Созишномаи байниҳукуматӣ оид ба интиқоли қувваи корӣ ба Ҷумҳурии Корея ва воридшавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба системаи иҷозати кор дар Ҷумҳурии Корея бо мақсади ҳифзи ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандони Тоҷикистон зимни фаъолияти меҳнатӣ дар Ҷумҳурии Корея изҳор намуд.

МД «МАРКАЗҲОИ МАШВАРАТӢ ВА ОМОДАГӢ»: 225-05-75, 225-02-21

# СИТОДИ КОРӢ

## дар вилояти Суғд

Бо мақсади иҷрои Фармоиши Вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 январи соли 2023, №18 “Дар бораи таъсис додани Ситоди корӣ оид ба таъмини ширкатҳои сохтмонии НБО “Роғун” бо кадрҳои коргарӣ” дар толори Муассисаи давлатии таълимии “Литсейи касбии политехникии шаҳри Хуҷанд” бо иштироки муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Қиёмиддин Давлатзода, сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ Сафаралӣ Маҳмадзода, муовини якуми директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ Шуҳрат Ёқубӣ ҷаласаи Ситоди корӣ баргузор гардид. Дар ҷаласа роҳбарияти сохторҳои вазорат дар вилояти Суғд, директорони муассисаҳои соҳаи таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва филилаҳои марказҳои таълимии калонсолон ширкат варзиданд.



Дар ҷаласа нахуст гузориши раиси Ситоди вилояти Суғд ҷиҳати бо ҷойҳои корӣ таъмин намудани шаҳрвандон дар НОБ “Роғун” Ш. Нодирӣ шунида шуд. Мавсуф, аз ҷумла, зикр намуд, ки “бо мақсади бо ҷойи кор таъмин намудани шаҳрвандони бекор дар ширкатҳои НБО «Роғун» дар шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Гулистон, Исфара, Истаравшан, Панҷакент, Ашт ва Деваштич кормандони раёсату шуъбаҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ҳамкорӣ бо бахшу шуъбаҳои раёсати Хадамоти муҳоҷират ярмаркаҳои ҷойҳои кории холӣ баргузор намуданд.

Дар ярмаркаҳо ширкатҳои сохтмонии НОБ-и «Роғун» ба корҷӯяндагон ҷойҳои кории холиро пешниҳод намуда, оид ба шароитҳои корӣ аз ҷониби масъулин иттилоъ ва корҳои фаҳмондан анҷом дода шуд. Дар ҷараёни ярмаркаҳо, инчунин, муҳоҷирони меҳнатие, ки воридшавиашон ба Федератсияи Россия манъ гаштааст, барои таъмин бо ҷойи кор дар ширкатҳои сохтмонии «Роғун» зиёда аз 57 нафар номнавис шудааст”.



Муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Чумҳурии Тоҷикистон вобаста ба иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бобати ҷалби шаҳрвандони бекор ба НОБ “Роғун” пурсиш ва масъалагузорӣ намуда, дар мавриди сафарбар намудани ҳарчи бештари коргарони даркорӣ ба иншооти азими ҷумҳурӣ супоришҳои мушаххас дод.

**Хабарнигори мо**

# МАҚСАДИ АСОСӢ —

## ТАЪМИН БО ҶОИ КОР

Дар самти бо ҷои кори доимиву мавсимӣ ва корҳои ҷамъиятии музднок таъмин намудани шаҳрвандон ва муҳоҷирони меҳнатии бозгашта ё манъшуда дар НБО «Роғун» аз ҷониби кормандони шуъбаи Хадамоти муҳоҷирати шаҳри Панҷакент ва бахши Хадамоти муҳоҷирати шаҳри Истаравшан дар ҳамкорӣ бо раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ярмаркаи ҷойҳои холии корӣ баргузор гардид.

Дар ярмаркаҳо аз ҷониби 28 корхонаю ташкилот ва муассисаҳо зиёда аз 301 адад ҷойҳои холии корӣ пешниҳод гардид. Дар умум, 21 нафар корҷӯяндагон роҳхат бо ҷойи кор гирифтанд. Аз ҷумла, 5 роҳхат ба НБО «Роғун» дода шуд.

Ҳамзамон, кормандони шуъбаю бахшҳои Хадамоти муҳоҷират дар шаҳрҳои болозикр ҷиҳати риояи қоидаҳои будубош дар хориҷа, тақвияти ҳифзу манфиатҳои муҳоҷирони меҳнатӣ, пешгирии муҳоҷирати ғайриқонунӣ ва дигар масъалаҳои марбут ба муҳоҷират суханронӣ намуда, ба шаҳрвандон варақаҳои иттилотӣ ва маводҳои тарғиботию ташвиқотӣ тақсим намуданд.

**Рустам ҶАМОЛОВ,**
**сармутахассиси Раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Суғд**

# ТАШКИЛИ КУРСҲОИ КӮТОҲМУҲЛАТ

Филиали Муассисаи давлатии “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар ноҳияи Файзобод дар ҳамкорӣ бо мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолии шаҳри Роғун ва ҶСК «НБО Роғун» 121 нафар шаҳрвандонро аз рӯи ихтисосҳои сохтмончӣ (39 нафар), кафшергар (69 нафар), арматурчӣ (6 нафар) ва пармагар (7 нафар) омӯзиш дода, бо шаҳодатномаҳои касбият таъмин намуд. Ҳамзамон, давоми соли рафта намояндаи Марказ дар шаҳри Норак 20 нафар коргаронро аз рӯи расмиёти эътирофи салоҳияти калонсолон ва валидатсия ба омӯзиш фаро гирифта буд.

Айни ҳол филиал ташкили курсҳои кӯтоҳмуддати касбомӯзониро дар заминаи корхонаҳои ҶСК “НБО Роғун” идома медиҳад.

# ЯРМАРКА ДАР ДОНИШГОҲ



Ба наздикӣ раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон дар ҳамбастагӣ бо раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ ва МД “Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон” дар шаҳри Бохтар дар Донишгоҳи энергетикӣ оид ба таъмини ширкатҳои сохтмонии НБО “Роғун” ва ҶСП Ҷунтай Синсилу Текстил - Данғара бо коргарон ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ баргузор гардид.

Тавре аз раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон иттиллоъ дода шуд, дар ярмаркаи мазкур зиёда аз 350 нафар хатмкунандагон ва донишҷӯёни бахшҳои дуюм ва сеюми донишгоҳ фаъолона ширкат намуданд.

Аз ҷониби бештари хатмкунандагони донишгоҳ барои идомаи фаъолияти меҳнатӣ дар НБО “Роғун” ва ҶСП Ҷунтай Синсилу Текстил - Данғара таваҷҷуҳи хосса зоҳир гардид.

**Баҳодур АЗИЗЗОДА,**
**сардори раёсати Хадамоти муҳоҷират дар вилояти Хатлон**

# ДАР ШАҲРАКИ СОМОНИЁН



**Бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Рӯдакӣ якҷоя бо раёсати Агенти меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар маркази шаҳраки Сомониён бо ҳадаф аз ҷалби шаҳрвандон ба кор дар ширкатҳои НБО «Роғун» ярмаркаи ҷойҳои кории холӣ баргузор намуд.**

Тавре аз бахши Хадамоти муҳоҷират иттиллоъ доданд, дар ярмаркаи мазкур 4 корхона ва ташкилотҳои гуногуни ҷамъиятии ҳудуди ноҳия иштирок намуданд. Бояд гуфт, ба ҳозирин аз ноҳия зиёда аз 15 ҷойҳои кории холӣ ва аз шаҳри Роғун 2367 ҷойҳои кории холӣ пешниҳод гардид. Дар рафти чорабинӣ зиёда аз 150 нафар сокинони ноҳия иштирок намуданд.

Бояд афзуд, ба сокинони ноҳия тавсияҳо барои кор дар ширкатҳои НБО «Роғун» дода шуд. Тавре аз мулоқот бармеояд, бештари сокинон бобати фаъолияти меҳнатӣ дар бунёди «НБО Роғун», ки барои Тоҷикистон аҳаммияти муҳими стратегӣ дорад, таваҷҷуҳи хоса зоҳир намуданд.

Ёдовар мешавем, ки бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии мамлакат Ситоди корӣ оид ба таъмин намудани ширкатҳои сохтмонии Ҷамъияти саҳомии кушодаи «НБО Роғун» бо кадрҳои коргарӣ таъсис дода шудааст, ки он барои ҳаллу фасли масоил пайваста фаъолият мебарад.

**А. ИДИЕВ,**
**мудири бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Рӯдакӣ**

**ШУЪБАИ ҚАБУЛ ВА МАСЛИҲАТДИҲИИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ: 225-07-19, 225-05-81**

# ПАЁМ – РОҲНАМОИ ЗИНДАГИИ МО

***Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба халқи мамлакат муҳимтарин падидаи огози соли тақвимӣ, раҳнамои ҳаёти давлату ҷомеа дар марҳилаи оянда мебошад.***

Паёми Сарвари давлат дар муайян намудани паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар густариши дастовардҳои сиёсӣ, инкишоф ва баланд бардоштани сатҳи иҷтимоию иқтисодӣ, таъмин ва таҳкими амнияти иқтисодии миллӣ нақши муҳим ва калидиро мебозад.

Маҳз бо туфайли сиёсати созанда ва бунёдкоронаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон имрӯз мардуми тоҷик ба марҳилаи рушду нумуи устувор дар соҳаҳои хоҷагии халқи мамлакат шарафёб гардида истодааст. Аз ин рӯ, Паёми Президенти кишвар қадаме ба самти пешравӣ, гулгулшукуфӣ ва оромиву суботи давлати ҷавони соҳибистиқлоламон мебошад.

Лозим ба таъкид аст, ки мардуми тоҷик таҳти сарварии Пешвои миллат имрӯзҳо ҳадафи бузург – бунёди давлати соҳибистиқлол, аз лиҳози сиёсӣ мустаҳкам, дунявӣ ва демократиро, ки дар он некуаҳволӣ ва ҳуқуқҳои иҷтимоии мардум таъмин аст, сарбаландона амалӣ менамояд. Ҳамасола дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон тамоми паҳлуҳои ҳаёти кишвар бо мисолҳои дақиқ мавриди таҳлилу баррасӣ ва хулосабарорӣ қарор мегиранд.

Боиси ифтихор ва таъкид аст, ки такмили сатҳи зиндагии мардум, таъмини ҳифзи иҷтимоии табақаҳои ниёзманди аҳолӣ ва баланд бардоштани неруи инсонӣ яке аз ҳадафҳои муҳимтарини сиёсати иқтисодии давлат аз оғози даврони Истиқлолият ба ҳисоб меравад.

Дар ин радиф соли ҷорӣ Пешвои миллат, Президенти кишвар муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон зарурати баланд бардоштани сатҳу сифати некуаҳволии аҳолиро махсус таъкид карда, зикр намуданд, ки барои ҳалли он дар сохтори иқтисодии мамлакат шароити мусоид фароҳам оварда шудааст. Инчунин, зикр намуданд, ки «Ҳукумати мамлакат ба рушди соҳаи маориф ва таълиму тарбияи насли наврас ҳамеша аҳамияти аввалиндараҷ медиҳад».

Дар Паём ба омӯзиши забонҳои русию англисӣ диққати махсус дода шуд. Умуман, зарур аст, ки таълими забонҳои хориҷӣ, махсусан, русиву англисӣ дар тамоми факултаву шуъбаҳои мактабҳои олӣ ва мактабҳои миёна ва миёнаи касбӣ боз ҳам беҳтар ба роҳ монда шавад. Бори дигар мо, устодон ва омӯзгорон, аз сиёсати пешгирифтаи роҳбари давлат изҳори қаноатмандӣ намуда, барои татбиқ намудани ҳар як нуктаи дар Паём овардашуда кӯшиш менамоем.

Бояд иброз намоям, ки устодон ва донишҷӯён тавассути телевизион тавri мустақим Паёмро тамошо карданд. Аз аввалин суханронии Президент маълум гашт, ки он ба беҳбуди ҳаёти шаҳрвандон равона карда шудааст. Паёми навбатии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҷаноби Олӣ Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои омӯзгорони кафедраи мазкур аҳамияти хеле калон дорад.

Аз ҷониби Сарвари мамлакат ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «ҳамчун ҷавҳари ҳастии миллат» дониста шудани илму маориф тамоми кормандони соҳаи илму маорифро водор менамояд, ки бо ҳисси баланди ватандӯстию меҳанпарастӣ дар раванди ислоҳот ва беҳбуд бахшидан ба сифати таълиму тарбия ва корҳои тадқиқотию илмӣ бо тамоми ҳастӣ кору фаъолият намоянд.

**Исфандиёр НИЁЗОВ,**
**директори МДТ**
**"Литсейи касбии техникии шаҳри Истиқлол"**

# МАСЪУЛИЯТИ ПАДАРУ МОДАР

## дар таълиму тарбияи фарзанд

**Ҷараёни иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд"-ро Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти назорати ҷиддӣ гирифтааст. Гузориши зер аз ҳамин боб.**

Бояд зикр намуд, ки дар асоси ин ҳуҷҷати муҳим Фармоиши вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 4 декабри соли 2019, №97 ба тасвиб расида, оид ба иҷрои он дар ин муддат чораҳои мушаххас роҳандозӣ гардидааст.

Пеш аз ҳама, ҷиҳати иҷрои сариваҳтии қонуни зикргардида, унвонии сохторҳои системаи вазорат ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ аз 17 январи соли 2022 нома ирсол гардида, иҷрои он таври ҳамешагӣ зери назорат гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ҳар ҳафта дар толори барҳавои вазорат хонишҳои идоравӣ баргузор шуда, дар он дигар мутахассисон низ аз вазорату идораҳо даъват мегарданд, ки оид ба муҳтавои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" маъруза ва суханрониҳои муфид анҷом медиҳанд.

Дар ин росто дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе омӯзгорон ва устоҳои таълими истеҳсолӣ бо падару модарони донишҷӯён ва хонандагон робитаи қавии ҳамкориро ба роҳ монда, ба волидайн аз тарафи роҳбарони гурӯҳҳои таълимӣ доир ба интизом, давомот, муваффақияту камбудиҳои ҳар як хонанда маълумоти муфассал манзур мегардад.

Боиси зикр аст, ки ҷиҳати кори самарбор аз аввали соли 2022 ва соли нави таҳсили 2022-2023 аз ҷониби мутахассисони масъули вазоратҳои меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ, корҳои дохилӣ, маориф ва илми Ҷумҳурии Тоҷикистон, Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кумитаи дин, танзими анъана ва ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе бо омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, донишҷӯён ва хонандагон вохӯриву корҳои фаҳмондан дар самти амалигардонии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" пайваста баргузор гаштаанд.

Дар асоси нақша-чорабиниҳо аз тарафи кормандони Хадамоти пешгирии ҳуқуқвайронкунии ноболиғон ва ҷавонони Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳамкорӣ бо мутахассисони раёсати таҳсилоти ибтидоии касбӣ, таълими калонсолон ва рушди ҳунармандии вазорат, шурӯъ аз аввали соли 2022, дар Коллеҷи муҳандисию омӯзгории шаҳри Душанбе, муассисаҳои давлатии таълимии литсейҳои шаҳрҳои Душанбе, Панҷакент, Истиқлол, Исфара, Истаравшан, Конибодом, Хуҷанд ва ноҳияҳои Шуғнон, Ашт, Мастчоҳ, Зафаробод, Бобоҷон Ғафуров, Деваштич ва моҳи октябри соли 2022 дар муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбии минтақаи Кӯлоб ва моҳи ноябри соли равон дар литсейҳои касбии техникии минтақаи Бохтари вилояти Хатлон корҳои фаҳмондан ҷараён гирифт. Бо мақсади пешгирии омилҳои номатлуби иҷтимоӣ - терроризм, экстремизм, савдои одамон ва тарбияи ҷавонон дар руҳияи созандагию бунёдкорӣ, рафти иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" бо омӯзгорон, устоҳои таълими истеҳсолӣ, донишҷӯён ва хонандагон вохӯриву суҳбатҳои муфид баргузор гаштанд.

Бояд тавзеҳ дод, ки давоми соли 2022 дар Маркази такмили ихтисос ва бозомӯзии кормандони системаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ мизҳои мудаввар дар мавзуи "Масъулияти баланди падару модар дар тарбияи фарзандони бомаърифат" ҷараён гирифтаанд, ки дар онҳо мазмуну муҳтавои қонуни болозикр мавриди таҳлили ҳамаҷониба қарор дода шудааст.

Дар давоми соли 2022 бо иштироки кормандони дастгоҳи марказии вазорат, Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ, хадамотҳо ва муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ 37 адад курси такмили ихтисос бо фарогирии 624 нафар шунаванда барпо шудааст, ки 94 нафарашон хизматчиёни давлатӣ мебошанд.

Дар ин рабт МД "Пажуҳишгоҳи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ" мулоқоту вохӯрӣ ва мизҳои мудаввар бо иштироки намояндагони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва омӯзгорону устоҳои таълими истеҳсолӣ, донишҷӯён ва хонандагони муассисаҳои таҳсилоти ибтидоии касбӣ ва волидайни онҳо корҳои фаҳмондадиҳӣ зери унвони"Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" ва "Чораҳои пешгирӣ аз ҷавобгарӣ барои иҷро накардани уҳдадориҳо дар таълиму тарбияи фарзанд" баргузор кард.

Дар Муассисаи давлатии "Маркази таълимӣ – методӣ ва мониторинги сифати таълим", Хадамоти муҳоҷират, Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ оид ба масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд комиссияҳои ҷамъиятӣ самарбор фаъолият менамоянд. Дар МД "Агентии бакортаъминкунӣ дар хориҷа" бошад, лавҳаи иттилоотӣ оид ба масъулияти падару модар пеш аз сафар ба муҳоҷират тартиб ва насб шудааст, ки дар он моҳияти иҷрои қонуни болозикр комилан ифода меёбад.

Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ бошад, рафти иҷрои сариваҳтии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд»-ро ба роҳбарӣ гирифта, бо иштироки намояндагони Кумитаи кор бо занон ва оилаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва ходимони илмӣ пайваста хонишҳои идоравӣ ва мулоқоту мизҳои мудаввар баргузор менамояд. Аз ҷараёни ин чорабиниҳо дар нашрияи соҳавии "Шуғл ва муҳоҷират" ва сомонаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ - www.kor.tj мудавом гузоришҳо ба табъ мерасанд.

Бад-ин минвол, рафти иҷрои Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи тадбирҳои иловагӣ оид ба иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд" аз ҷониби вазорат таҳти назорат қарор дорад ва дар ин самт барои ҷомеа басо муҳим муҳим ҳамвора тадбирҳои судманд роҳандозӣ мегарданд.

**Хабарнигори мо**



*Дар акс: оила ба хушбахтӣ ва пирӯзӣ дар самти тарбияи фарзандон бо роҳи меҳнат муваффақ мегардад.*

# РОБИТАИ НАВРӮЗ БА ҶАШНИ ДАВЛАТҲОИ ДУНЁ

**Агар ба ҷашни Наврӯз ва мақоми он дар ҷомеа нигоҳ кунем, равобити зиёдеро дар таркиби маросим ва анъанаҳои фарҳанги ҷашнии бисёр халқҳои ҷаҳон мушоҳида менамоем. Масалан, умумияти байни ҷашни миллии форсизабонон Наврӯз ва идҳои бузурги мисриён-Осирис ва юнониён-Адонис мавҷуд аст. Дар ҷашнҳои мисриёну юнониён тантанаҳо бахшида ба бедоршавии табиат, эҳёи олами пир, оғози ҳамагуна кор таҷлил мегардид, ки бешубҳа, пойдорию таъсири анъаноти Наврӯз аст.**



Вобаста ба ин, қайдҳои олими амрикоӣ В. Эберхардро дар бораи он ки ду анъанаи наврӯзӣ - яке ба ҳамдигар об пошидан ва дигарӣ таъсису истиқболи корвони наврӯзӣ (метавон онро карнавал гуфт), ки дертар ба ҷашни солинавии хитоиҳо ворид шуд, мисол овардан мумкин аст. Эберхард зикр мекунад, ки «Хусусияти характерноки ҷашни мазкур ин буд, ки мардҳо аз кӯчаҳо гузашта, ба ҳамдигар ва ҳамаи тамошобинон об мепошиданд, раққосон дар намоишҳо ширкат мевarзиданд ва баъзеи онҳо ҳамроҳи савдогарон ба Хитой мерафтанд. Ҷашни Наврӯз дар Осиёи Марказӣ ва Хитой ба ҳукми анъана даромада буд».

Ин ки қисме аз халқияту давлатҳои рӯи олам, аз қабили Хитою Италия, Олмону Фаронса, Бразилия ва дигар давлатҳои хурду бузург чорабиниҳои муҳими давлатӣ ва ҷашнҳои миллиашонро асосан дар шакли карнавал мегузаронанд, бегуфтугӯ, таъсири яке аз нахустин чорабиниҳои оммавии рӯи олам – Наврӯзи оламафрӯз аст, ки ниёгонамон онро дар шакли оммавии карнавали наврӯзӣ баргузор менамуданд.

Ҳамасола дар калонтарин шаҳри Бразилия – Рио-де- Жанейрои қитъаи Америкаи Ҷанубӣ карнавали бузургтарин баргузор мегардад, ки аксари мардум дар арафаи Иди мазҳабиашон бо сару либоси идонаи миллӣ ва нақшу ороишоти хеле назаррабою диққатҷалбкунанда ба бар ба идгоҳу кӯчаҳо мебароянд ва чунин хушҳолиҳо тайи панҷ рӯз - аз рӯзи ҷумъа то рӯзи сешанбеи ҳафта идома меёбад. Бо вуҷуди таъқибу тасаллути арабу ислом дар Эрону Осиёи Миёна Наврӯз на ин ки завол наёфт, балки бо тамоми оини анъанаҳояш густариш ёфта, ҳатто дар давраи хилофати фотимиёни Миср ҷашни Наврӯз ҳамчун Соли Нав ба ҳукми анъана даромад. Бо вуҷуди дар соли 974 аз ҷониби халифаи Миср расман мамнуъ эълон карда шудани ҷашни солинавии Наврӯз - халқ баръакс, онро на ин ки як, балки се рӯз ҷашн мегирифтагӣ шуданд. Арабҳо баъди истилои Осиёи Миёнаю Эрон кӯшиши аз байн бурдани ин ҷашни қадимию анъанавии халқҳои маҳаллиро карданд. Вале халқ новобаста ба тазйиқу мамониати аҷнабиён Наврӯзро ҷашн мегирифтанд.

Наврӯзро дар дигар кишварҳо, аз ҷумла Эрону Туркия, Чину Россия, Ҳиндустону Афғонистон, Покистону Озарбойҷон, Қазоқистону Қирғизистон, Ӯзбекистону Туркманистон ва дигар кишварҳо аксар бо номи шабеҳи як мафҳум: тоҷикон-«Наврӯз», озарҳо - «Novruz», туркҳо- «Nevruz», бошқирду тоторҳо - «Неуруз», қазоқҳо - «Наурыз», қирғизҳо- «Нооруз», тоторҳои Қрим «Navrez», ӯзбекҳо - «Navroz», туркменҳо- «Nowruz», курдҳо «Newroz», ки маънои ҳамаи ин рӯзи нав аст, ҷашн мегиранд.

Инак, чандин баҳор аст, ки ҷашни Наврӯз ҳукми байналмилалиро гирифта, дар аксари кишварҳо онро мардум новобаста аз дину мазҳабашон таҷлил мекунанд ва ин ҷашн омили муттаҳидкунандаи халқиятҳо ба шумор меравад. Махсусияти хоси Наврӯз он аст, ки он дар тамоми деҳаву ҷамоат ва шаҳраку марказҳои маъмурӣ бо риояи оини анъанаҳои наврӯзӣ, тозаву озода намудани хонаву маҳалли зист, шинонидани гулу бутта ва ниҳолҳои боровару сояафкан, зиёрати манзилгоҳҳои гузаштагон, аёдати беморону калонсолон, пирону барҷомондагон баргузор шуда, ба кӯдакону тарбиягирандагон, дардмандону калонсолон ва беморон тӯҳфаҳо ва кумакҳои наврӯзӣ ҳадя карда мешаванд. Боиси хушнудӣ аст, ки бо қарори Созмони Милали Муттаҳид ҷашни Наврӯз ба феҳристи арзишмандтарин мероси гаронбаҳои фарҳангии башарият - ЮНЕСКО ворид ва 21 март ҳамчун Рӯзи Наврӯзи байналмилалӣ эълон гардид.

Ифтихори мо, тоҷикон, он аст, ки дар мақоми байналмилалӣ ҷашн гирифтани Наврӯзи оламафрӯз нақши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон хеле бузург аст.

# АНЪАНАИ ҚАДИМИ ТОҶИКОН

Дар арафаи омад-омади Наврӯз мардум тамоми ҷиҳози хонаҳои худро берун бароварда, хонаро сафед намуда, аз кӯрпаву гилем сар карда, ҳама лавозимоти рӯзгорро мешустанд, метаконданд ва дар берун меовехтанд, то шуълаи офтоб онҳоро безарар гардонад. Барои онҳо Наврӯз, пеш аз ҳама, поккорӣ, ба тартиб овардани манзилу кошона ва деҳу маҳаллаҳо арзёбӣ мешуд.



Тамоми мардуми маҳаллаю деҳа ба ҳашар баромада, ҷӯй ва дарёҳоро аз ҳар гуна партовҳо тоза намуда, бехи дарахтони қади роҳро нарм мекарданд, яъне то ҷашни Наврӯз омодагии ҷиддӣ медиданд.

Рамзист, ки дар ин давра бонувони хонадон дару тирезаҳои хонаро кушода мемонданд, то ба хона нурҳои тиллоранги офтоб ҳар чи зиёдтар ворид гарданд ва давоми сол манзили онҳо пур аз шодию нишот бошад.

Онҳо дегу табақи мисини хонаро бо регҳои обшӯстаи соҳил шустушӯ намуда, соиш медоданд, то ин зарфҳо ба мисли тилло ҷилоноку зебо шаванд. Зарфҳои кӯҳнаю фарсудаи хонаро мепартофтанд, то ҳама ноомадиҳои соли рафтаро ҳамроҳи онҳо аз манзилашон берун кунанд.

Чун идомаи анъанаи неки ниёгон имрӯзҳо сокинони мамлакат ба ҳашар баромада, дар поксозии атроф саҳм мегузоранд.

Аҷдодони мо чоршанбеи охир то рӯзи Наврӯз гулхан афӯхта, дар атрофаш суруду таронаҳои наврӯзӣ хонда, чарх мезаданд ва аз болои он ҷаҳида, "зардии рӯямро бигир, сурхии рӯйятро бидеҳ" мегуфтанд.

Пас аз анҷоми ин расм мардон сару либос ва ҷомаи худро иваз намуда, бо пероҳани нав ба Наврӯзгоҳ мерафтанд. Он иқдом низ рамз дошт. Мардуми мо мисли замин, ки дар ин айём ҷомаи нав ба бар менамояд, бо нияти нек либоси нав мепӯшиданд.

Ин анъанаро занону духтарон ҳам такрор намуда, ба рӯй сафедию ба лабон сурхӣ молида, бо пӯшидани либосҳои ҳарири баҳорӣ хешро чун маликаи баҳор оро медоданд.

Ҳамзамон духтаракон ба нӯги мӯйяшон аз матои сафед ҷамолак бофта, кокулонашонро ба даври доман сар дода, худро чун шохаи пур аз гули сурху сафеди себу бодом пероста менамуданд.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ омадааст, ки дар қадим сарлашкарон пайи хифзу ҳимояи марзу буми Ватан дар назди гулхани оташ савганд ёд менамуданд. Онҳо қалбу нияти хешро бо оташу об пок намуда, маросими мазкурро ҳатман дар айёми Наврӯз ба ҷо меоварданд, ки ба андешаашон ин кор хосияти нек дошт.

Занону мардон гулгардонӣ намуда, дар васфи Наврӯз шеъру тарона мехонданд. Илҳоми шоирон чун чашмаҳои баҳорӣ ҷӯш зада, онҳо бо забони шеър гулдухтарони зеборо ба сайри боғу чаман даъват намуда, изҳори меҳру муҳаббат мекарданд.

Гузаштагони мо анъанаи дигаре ҳам доштанд. Дар ин айём либосҳои даридаи ятимони нодорро чун тӯб сохта, онро ба дурӣ партофта, онҳоро оташ мезаданд. Пас аз дар гирифтану сӯхтани он либосҳо онҳо гӯё камбағалию нодориро аз онҳо дур сохта, дороии онҳоро талаб менамуданд.

Маросими тайёр намудани суманак ҳам анъанаи ба худ хос дошт. Дар гирди деги суманак занону духтарони зебо ба абрӯвонашон усмаи тар кашида, худашонро бо либосҳои идона ва зару зевар ороиш медоданд. Тамоми шаб дар атрофи деги суманак тарона хонда, рақсу бозӣ мекарданд. Занону духтарон барои амалишавии умеду орзуҳои хеш, ки гӯё дар сари деги суманак дар дил гуфтани онҳо хосияти нек доштааст, бо кафгир онро бо навбат мекофтанд.

Дар ин айём мардумон дар боғҳо сайругашти идона намуда, духтарон дар шохаҳои дарахт бо белинчак бод мегирифтанд, ки ин манзара хеле ҳам зебову хотирмон буд. Либосҳои идонаи занон нисбат ба либосҳои мардона фарқе доштанд. Мардон тоқии чоргул ба сар мегузоштанд, ки он рамзи чор фаслро дошт. Занон, ки ба монанди табиат офаридагор буданд, дар матоъҳои либосҳояшон гулҳои табиатро нақшбардорӣ мекарданд. Махсусан занон дар рӯзи Наврӯз пӯшидани либоси сафеди парпарро ҳамчун рамзи гулпӯш шудани табиат меписандиданд.

Мутаассифона, ин либосро имрӯз ба либосҳои итолиявиҳо мансуб медиҳанд. Лекин агар ба таърихи либосҳои миллии тоҷикон жарфтар назар афканем, дар асл ин либос маҳсули тафаккури занони мо аз замонҳои қадим аст.

Лолазори зебою дилрабои Тоҷикистонро дар Наврӯз дар ҳеҷ гӯшаи олам наметавон пайдо кард. Анъанаи беҳтарини наврӯзии тоҷикон – сайри гули лола то имрӯз побарҷост. Мардум ба суроғи лола ба дашту доманакӯҳҳои махмалин мераванд.

Хулоса, ниёгони мо Наврӯзи дилафрӯзро бо поккорӣ оғоз мекарданд. Чун имрӯз Наврӯзи дилафрӯз ба сарзамини мо қадам мениҳад, пас, биёед, мо низ онро чун аҷдодони худ бо тозаю озода гардонидани маҳал ва кошонаҳои худ пешвоз гирем!

**С. АЗИЗЗОДА**

# БОНУЕ, КИ ЗЕБОӢ МЕОФАРАД

**Ин ҷавонбонуи резапайкар нафарест, ки дар зиндагӣ аз миёни нохубиҳо хубӣ меҷӯяд, дунёро бо чашми нек менигарад ва ҷӯёи рангҳои зебои зиндагист. Бо дастони муъҷизаофараш ба ҳамагон зебоӣ мебахшад, дунёи онҳоро рангин ва ҳаётро барояшон гуворо месозад.**

**Робия Ахмедова, зодаи Тоҷикистон, дар яке аз шаҳрҳои зеботарини ҷаҳон - Дубай, ба бонувони маҳаллӣ ёрӣ мерасонад, то зебову дилрабо бинамоянд. Аниқтараш, ӯ пешаи косметологро касб намудааст ва ба ин васила ба ҳусну ҷамоли бонувон зебоии дигар зам менамояд.**

### Ҳавасҳои бачагӣ

Хурдсол буд, ба ҳамаи он чизе, ки дар атроф вуҷуд дошт, аз нигоҳи зебоӣ менигарист. Он лаҳзаҳо гумон мекард, ки инсон ҳуқуқи зебо набуданро надорад. Дар гуфтору рафтор ва ҳусну ҷамолу либоспӯшӣ бояд зебоӣ дар мадди аввал қарор гирад. Ҳанӯз ҳам ба ин ақидаи худ устувор аст.

- Он замон, бо вуҷуди кӯдак буданам, ҳамаро зебо дидан мехостам. Як ҳиссе дар қалбам ҷо шуда буд, ки бузург шавам, ҳунареро пеш мегирам, ки вазифааш танҳо зебоӣ бахшидан бошад. Агарчи он замон сарфаҳми чӣ будани пешаву касбро намерафтам. Аммо ҳамеша ин орзу дар қалбам ҷӯш мезад, - ёдовар мешавад Робия он овонро.

Баробари бузург шудан, тасмим гирифт, ки орзуяшро амалӣ созад ва бо ин ният самти тибро пазируфта, донишҷӯйи Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино шуд ва онро соли 2017 бо ихтисоси табибҷарроҳ ба итмом расонд.

### Муқобилияти падар

Қиблагоҳаш вақте фаҳмид, ки Робия нияти идомаи таҳсил дорад, хушҳол гардид, вале баробари огоҳ шудан аз нияти духтараш, норизогӣ баён намуд. Борони насиҳат мерехт аз нӯги забонаш ҳар пайти мувофиқу мавриди мусоид. Бад-ин дастур мехост кафтари хаёлҳои ширинро, ки дар дили Робия лона мондааст, бирамонад. Падар ҳеҷ намехост, ки духтараш косметолог шавад.

Робия бошад, барои розӣ кунондан ҷораю усули ризояти падарро меандешид. Ҳарчанд ба фикру андеша мерафт, василаи беҳтаре ҷуз рад накардани сухани падар намедид. Ниҳоят ба хулосае омад, ки ба факултаи кори тиббӣ ҳуҷҷат супораду пешаи табиб-ҷарроҳро интихоб намояд. Падар аз ин нияти духтараш қаноатманд гардиду дуои некаш дод.

### Табиб-косметолог

Бо он ки Робия зинаи интернатураро низ дар самти духтури ҷарроҳ идома медод, ҳанӯз барои амалӣ сохтани орзуи кӯдакиаш талош меварзид. Дар миёни таҳсил рухсатии академӣ гирифта, озими Федератсияи Россия шуд. Он ҷо ба курсҳои омӯзиши косметологӣ рафта, нозукиҳои ин пешаро аз худ намуд.

Баробари ба Ватан баргаштан, аснои таҳсил, фаъолияташро низ ҳамчун косметолог-эстетик оғоз бахшид. Баъд аз як муддати фаъолият, ҳамчун табиби пластикаи контурӣ корашро идома бахшид. Агарчи дар хориҷ аз кишвар нозукиҳои ин пешаро аз худ карда буд, ҳамоно аз устодони соҳаи кишвар низ пайваста маслиҳату машварат мегирифт.

- Аз устодонам, ки дар омӯзиши нозукиҳои пешаи косметологӣ кумакам намуданд, миннатдорам. Ба бонуи кордон Назира Раҷабова сипос мегӯям, ки замони фаъолиятам пайваста баҳри рушди ман дар ин соҳа ҷаҳду талош меварзид. Бо дастгирии онҳо таҷрибаи бештарро ба даст овардам ва орзуҳоям амалӣ гардиданд. Бо дастгирии онҳо такмил ёфтам, - бо ифтихор иброз медорад ӯ.



### Ду ҷониби муваффақият

Соли 2020 дари бахт ба рӯйи Робия кушода шуд. Азбаски ҳамсафари ҳаёташ дар шаҳри Дубайи Аморати Муттаҳидаи Араб фаъолият дошт, ӯро низ зарур омад, ки он ҷо бошад.

Зиндагӣ дар Дубай ба Робиябону имкон фароҳам овард, то фаъолияташро тикмил диҳаду бо мутахассисони сатҳи байналмилалӣ корро ба роҳ монад. Азбаски Робия дар донистани забонҳои хориҷӣ балад аст, дар хориҷ аз кишвар барояш мушкилие пеш наомад. Алҳол, ӯ дар яке аз клиникаҳои машҳури ноҳияи Ҷумейраҳ фаъолияташро ба роҳ мондааст. Дар ин росто, дар курсҳои косметологии шаҳри Дубай низ омӯзиш мегузарад, то нозукиҳои соҳаро ба хубӣ аз бар намояд.

- Дар ҳар кишвар кор нозукии худро дорад. Ин ҷо иқлиму муҳит ва фарҳангу забон дигар аст. Мебояд, ки мувофиқ ба табъи дил ва мувофиқ ба пӯсти онҳо амалҳоро анҷом дод. Кори косметологӣ ниҳоят нозук асту эҳтиёткориро талаб менамояд,- мефаҳмонад Робиябону.

### Сафар ба ҳамсоякишварҳо

Бо вуҷуди он ки ӯ дар шаҳри Дубай кору зиндагӣ дорад, ҳамоно ба кишварҳои ҳамсояи Қазоқистону Қирғизистон ва Ӯзбекистону Туркия сафарҳо анҷом медиҳад.

- Хурсанд намудани як инсон корест муҳим. Имрӯз, ки ин имкониятро дораму каме ҳам бошад, бо истифода аз пешаам ба одамон хушҳолӣ ҳадя мосозам, баҳри он талош меварзам. Вақте дар чеҳраи нафаре хушҳолиро мебинам, новобаста аз он ки шаҳрванди кадом миллат аст, худро хушбахттарин инсон эҳсос мекунам. Ин лаҳзаҳоро тасвир кардан номумкин аст. Танҳо боиси ифтихору фараҳмандист, - бо хушҳолӣ мегӯяд Р. Ахмедова.

**Ш. РАҲМОН**

---

# РУКНИ МУҲИМИ ДАВЛАТДОРӢ
## ва тафаккуру ҳувияти миллӣ

**«Забон хишти аввалини кохи миллат буда, яке аз рукнҳои асосии давлати миллӣ ва нахустунсури тафаккури миллӣ мебошад».**

**Эмомалӣ Раҳмон,**
**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ-Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон**

Боби аввали Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон» маҳз ба ҳифзи забони давлатӣ, яъне забони тоҷикӣ ва забонҳои дигар, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон амал менамоянд, нигаронида шудааст. Ҷомеаи Тоҷикистон сермиллату гуногунхалқият аст. Ҳар миллату халқияти Тоҷикистон забони модарӣ ё забони аҷдодии худро дорад ва ба ҳамаи ин халқияту миллатҳо ҳуқуқи озодона истифода бурдан аз забони модариашон дода шудааст.

Дар тӯли асрҳо ба амал омадани воқеаю саргузаштҳои таърихӣ забони тоҷикӣ то имрӯз боқӣ монд ва ҳамчун як забони давлатӣ дар ҷаҳон шинохта шуд. Дар сарсухани китоби "Забони миллат - ҳастии миллат" муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон қайд намудааст: «Бо шарофати истиқлол забони тоҷикӣ ба фазои давлатдорӣ ворид гардид ва вазифаи худро ҳамчун забони давлатии мустақили ҷаҳон дохил шуд, барои шинохти миллати тоҷик ба сифати як халқи дорои ҳама аломату нишонаҳои миллати таърихӣ заминаҳои сиёсӣ фароҳам омад ва дар ориёишиносӣ ва эроншиносии муосир шохаи сифатан нави тоҷикшиносӣ ҷойи расмӣ ва мустақиле барои худ пайдо намуд».

Дар даврони истиқлолият забони модарии мо ба куллӣ симои худро дигаргун намуда, ба забони тавонои расмиву давлатии Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон табдил ёфт. Он дар тамоми ҷанбаҳои ҳаёти сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ мавриди истифода қарор гирифта, оҳиста - оҳиста ба забони робитаҳои байналмилалӣ ва муоширати байни халқҳои сокини ҷумҳурӣ мубаддал гардид. Заминаҳои ин пешрафти муҳим, пеш аз ҳама, бо татбиқи пайваста ва пайгиронаи сиёсати Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар робита ба забони давлатӣ муҳайё гардид ва хушбахтона ҳамасола 5-уми октябр ҳамчун Рӯзи забони давлатӣ дар саросари кишварамон ҷашн гирифта мешавад.

Дуруст аст, ки "Барномаи рушди забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2012-2016" аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 июни соли 2012 тасдиқ шуда буд, ки дар он 6 самти афзалиятноки пешбурди забони давлатӣ тарҳрезӣ шуда, ҷиҳати татбиқи он аз тамоми имконият истифода гашта, корҳои назаррасе анҷом ёфтаанд. Бо вуҷуди ин, масъалаи рушди забон яке аз масоили мубрам дар ҷомеаи имрӯза ба шумор меравад.

Ҷаҳонишавии ҷомеаи имрӯза мушкилоти забонро кам намекунад, баръакс, моро водор месозад, ки ба масъалаи забон таваҷҷуҳи хосса зоҳир намоем ва ҳамчун рукни давлатдорӣ барои мустаҳкам будани пояҳои он муташаккилона кор кунем. Бо дарки муҳим будани масъалаҳои марбут ба забон "Барномаи рушди забони давлатӣ барои солҳои 2020-2030" аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ гардид, ки он барои пешбурди кори забон дар даҳ соли оянда заминаи боэътимод мегузорад. Ин барнома ҷомеаи Тоҷикистон ва тамоми сохторҳои давлатию ғайридавлатиро водор менамояд, ки ба масъалаи забон аҳамияти хос зоҳир намоянд.

Президенти мамлакат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 5 октябри соли 2016 дар Паёми табрикотиашон ба муносибати Рӯзи забони давлатӣ иброз намуданд, ки "Забони тоҷикӣ - ин ёдгории маънавии миллиамон ҳамчун оинаи таърихи деринаи халқамон инъикосгари урфу одат ва расму анъанаҳои милливу давлатдории мо мебошад".

Забони миллии давлатӣ дар мақоми забони илму фарҳанг омили огаҳии соҳибзабонон аз таърихи қадимии забон, осори фаровони ниёгони бофазламон, ки дар давоми таърихи садсолаҳо ба забони илм таълиф ёфта, диққати аҳли илму фарҳанги ҷаҳониро ба худ ҷалб ва тасхир кардаанд, мебошад. Забон рукни муҳими давлатдорӣ ва тафаккуру ҳувияти миллӣ ба шумор меравад.

**Қурбонгул ЗИЁЕВА,**
**муаллимаи забон ва адабиёти тоҷики МДТ "Литсейи касбии техникии ноҳияи Ёвон"**

РАЁСАТИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ ДАР ВИЛОЯТИ ХАТЛОН: Ш. БОХТАР, ХИЁБОНИ ВАҲДАТ, 53: 8-3222-2-38-08

# К У Л О Л Ӣ

**Дар Тоҷикистон ба инкишофи санъати кулолӣ диққати ҷиддӣ дода мешавад. Ҳоло дар Коллеҷи ҷумҳуриявии рассомии ба номи М. Олимов шуъбаи кулолӣ фаъолият дорад, ки кулолони соҳибҳунар тайёр мекунад. Дар Коллеҷи ҳунарҳои мардумии шаҳри Истаравшан аз ихтисоси кулолӣ ба донишҷӯён дарсҳои назарию амалӣ дода мешавад. Намунаҳои беҳтарини осори кулолӣ дар Осорхонаи миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, осорхонаҳои шаҳрию вилоятӣ ва ноҳиявии кишвар, дар намоишгоҳҳои ҷумҳуриявию байналмилалӣ намоиш дода мешаванд.**



Кулолӣ соҳаи маълумтарин ва қадимтарин халқҳои ҷаҳон, аз ҷумла, тоҷикон ба шумор меравад, ки хусусиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ороишию эстетикӣ дорад. Қадимтарин намунаҳои маснуоти сафолӣ дар Осиёи Марказӣ аз қабати поинии мағораи Ҷабал (маснуоти маданияти Ҷайтун) ҳазораи 6 то милод (дар Туркманистони имрӯза) ёфт шудааст, ки аз мавҷудияти санъати кулолӣ дар ин минтақа гувоҳӣ медиҳад.

Намунаҳои сафол дар ҷойҳои зисти ниёгони халқи тоҷик - Тахористон (резишгоҳи миёнаи дарёи Ому ва вилояти Сурхондарёи Ҷумҳурии Ӯзбекистон), Суғд (водии дарёи Зарафшон ва Қашқардарё), Саразми бостонӣ, водии Вахш ва Фарғона дида мешавад, ки ба ҳазорсолаҳои 4-2 то милод тааллуқ доранд. Зарфҳои сафолиро аз хокҳои сафеду сурх бо даст тайёр карда, дар кӯпаву хумдонҳои махсус мепухтанд. Ҳарфиёти бостоншиносӣ шаҳодат медиҳанд, ки дар ҷануби Тоҷикистон ва Ӯзбекистон марказҳои калони кулолӣ дар водии Сурхондарё (димнаҳои Дилварзинтеппа, Хайрободтеппа, Ҷондавлатеппа ва Зартеппа) вуҷуд доштанд. Масалан, дар Дилварзентаппа (қисми шимолии давлати Бохтар, асрҳои 3-2 то милод, ҳудуди кунии Ҷумҳурии Ӯзбекистон) гузари кулолон мавҷуд буд. Дар натиҷаи инкишофи санъати кулолӣ ҷойи зарфҳои вазнину дуруштсохторро тадриҷан зарфҳои зебову манаққаш ишғол карданд. Ҷомҳое, ки аз сағонаи Тӯпхонаи Ҳисор ёфт шудаанд, мутааллиқ ба асри 1 то милод буда, ниҳоят нозуку нафисанд ва чун ҷомҳои булӯрин ба дараҷаи олӣ сайқал дода шудаанд. Зарфҳои аз Ёвон ёфтшуда бештар калон (кӯзаи гарданборики дудаста) буда, сири сурх давонда шудаанд. Зарфҳои мунаққаши аз Чуст ёфташуда аз ҷиҳати нақшу нигор аз зарфҳои мавзеъҳои дигар фарқ мекунанд. Онҳо бо хатҳои сиёҳи тарҳаш сурх, нақшҳои ҳандасию шикаста, ромбмонанд ва ғайра оро ёфтаанд. Дар зарфҳои он давра одамон, парандагон, ҳайвонот низ хеле зебо тасвир шудаанд.

Бозёфтҳои Ҳулбук, Афросиёб, Оқтеппаи Тирмиз ва дигар ҳафриёти Осиёи Марказӣ, ки ба асрҳои 8-12 мутааллиқанд, аз ривоҷи санъати кулолии он давр шаҳодат медиҳанд. Тавассути қолаб ба рӯйи зарфҳо ҳар гунна нақшҳо, аз қабили бодомнусха, катибаҳои кӯфӣ ва шашгӯшаю мудаввар гузошта шудаанд. Ба тарви дастӣ оро додани зарфҳои сафолӣ дар охири асри 8 дар Самарқанд расм шуд. Зарфҳои сафолии он давра бо сурбу қалъагӣ, инчунин рангҳои сабз, кабуд ва қаҳвагӣ мунаққаш мешуданд.

Яке аз дастовархои соҳаи кулолии асрҳои 9-10 истеҳсоли зарфҳои сирдор мебошад. Дар ин давра талабот ба зарфҳои сирдор хеле афзуд. Кулолони ин асрҳо навъҳои гуногуни сирро тайёр карда метавонистанд. Аввалҳо сири ишқориро ба кор мебурданд, баъд сире маъмул гардид, ки аз сурб тайёр мекарданд ва хеле хушсифат буд. Сири сурбӣ ранг надошт, яъне, шаффоф буд ва ин имкон медод, ки пеш аз андудани сир рӯйи зарф бо нақшу нигори дилхоҳ оро дода шавад. Тайёр кардани ин гуна зарфҳо ҳунару маҳорати баландро тақозо дошт. Аввал худи зарфро дар чархи кулолӣ месохтанд ва баъди хушконидан рӯйи онро барои нақш тайёр мекарданд ва ангоб мемолиданд. Аслан ангоби сафед, сурх ва сиёҳро истифода мебурданд. Баъди молидани ангоб рӯйи зарф хеле суфта мешуд ва барои гулпартоӣ мувофиқ меомад. Сипас зарфи ангобандударо хушконида, ба рӯйи он гул ва нақшҳои гуногун мекашиданд ва дар хумдон мепухтанд. Ғайр аз косаву табақ бо усули мазкур кӯза, чароғи сиёҳ ва баъзе дигар ашёи майдаву чуйдаи рӯзгор ҳам тайёр карда мешуд.

Яке аз усулҳои ороиши зарфҳо дар онҳо навиштани калимаву ибора ва матнҳо буд. Матнро асосан дар лаби пиёлаву коса, табақ ё дар мобайни он ҷой медоданд. Ҳамчунин усули накр, яъне харошида баровардани нақшро низ истифода мебурданд, ки он бештар дар зарфҳои нақшашон мармарӣ ё сирдори сабз вомехӯрад. Одатан ҷойи ҳарошидашуда бо сир пур карда мешуд ва дар заминаи сабзи рӯйи зарф нақши барҷастае ба вуҷуд меомад, ки асосан аз тасвири шаклҳои ҳандасию исламӣ ва расми парандагон иборат буд. Илова ба ин дар рӯйи зарфҳо кашидани хатҳои рости ҷуфт, ки байнашон бо холчаҳои рангоранг оро меёфт, маъмул гашт.

Дар давраи истилои муғул санъати кулолӣ рӯ ба таноззул ниҳода, дар асрҳои 14-17 боз аз сари нав ривоҷ ёфт ва ба пояи баланди инкишоф расид. Кулолон ҳангоми сохтани зарфҳо барои пурдоштию боқувватӣ ба гил пари паранда, пашм ва варақсанг ҳамроҳ мекарданд. Истифодаи коши луобӣ, хиштҳои сирдор ва ғайра аз рушду камоли санъати пардоздиҳӣ шаҳодат медиҳанд.

Дар охири асри 19 санъати кулолӣ боз ҳам ривоҷ ёфт. Дар ин давра сохтани зарфҳои паҳнрӯю ҳамвор маъмул шуд, ки онҳо аз дарун ва қисман аз берун ороиш дода мешуданд. Марказҳои асосии кулолӣ-и ин давр шаҳрҳои Бухорову Самарқанд, Риштону Хуҷанд, Қаршию Исфара, Конибодому Ӯротеппа, Кӯлоб ва инчунин баъзе ноҳияҳои Помиру Қаротегин буданд. Дар деҳот зарфсозӣ ё кулолӣ, асосан, ба зиммаи занҳо буд. Онҳо аз гилҳои маҳаллӣ бидуни дастгоҳ зарфҳо сохта, дар ҷойи соя хушконида, дар оташдонҳои наздиҳавлигӣ мепухтанд. Барои сӯзишворӣ, одатан, поруи чорпои хонагӣ истифода мешуд. Хок ва гилро барои кулолӣ аз ҷойи махсус мегирифтанд. Масалан, кулолони Истаравшан аз гили бӯта ва сурххок истифода мебурданд, дар Варзоб хоки сурхро аз кӯҳи Хӯҷахок меоварданд. Кулолони Ёгеди Дарвоз гилро аз мавзеи Виск оварда, зарф месохтанд. Кулолони Қартоғ хокро аз кӯҳҳои атроф мегирифтанд. Гилро аввал дар офтоб хушконида, бо кӯба мекӯфтанд, сипас бо об онро шӯрида, лой тайёр мекарданд. Баъзан регро низ аз элак гузаронида ба гил ҳамроҳ менамуданд. Агар кулолон кӯза, хум ё хурмаи калоне сохтанӣ шаванд, каме пашми буз мандохтанд, то ки мустаҳкамтар шавад. Лойро бо дасту по зер карда, ҳавояшро мебарроварданд ва дар ҷойи сояву хушк бо латтаҳо пӯшонида мемонданд. Лой якчанд рӯз (баъзан то 10 рӯз), то расидан ва часпак шуданаш, мехобид. Пас аз омода шудани лой як миқдори онро ҷудо карда, ба пештахтаи лоймолӣ гузошта, ба шакли зарфҳои дилхоҳ медароварданд ва баъдан онро ба дастгоҳ мениҳоданд.

Дастгоҳи кулолӣ аз чархи пой, тир ва сандон (бумба) иборат буд. Усто бо пояш чархро тоб медод ва тири ба чарх устуворшуда низ тоб хӯрда, тахтаи гирдро мечархонид. Лой болои тахта тоб мехӯрд ва кулол ба он каме об пошида, лағжонак мекард, то ки ба шакли муайян даровварданаш осон шавад. Дар вақти шакл додани лой кулолон аз асбобҳои махсуси худ, ба монанди каҷкорд, қошуқ, гардангирак, товончa истифода мебурданд. Пас аз омода шудани зарф он бо қолабҳои белчамонанд, ғирғирак (ғарғара) ва ғайра ороиш дода мешуд. Нақшаҳои кӯзаҳои сафолии маҳаллӣ чандон мураккаб набуданд. Қолабҳо нақшаҳои хатти уреб, бодомча, чоркунҷа ва амсоли инҳоро доштанд. Баъзе занҳои кӯзагар баъд аз хушконидан ва пухтани зарфҳо онҳоро бо рангҳои табиӣ, тасвирҳои гулу баргҳо ва хатҳои мавҷнок оро медоданд. Зарфи аз дастгоҳ гирифташударо нахуст бо латтаи дар оби гили сурх таршуда мемолиданд, ки ин амал «маймолкунӣ» ё «гилобчаконӣ» ном дошт. Барои гилобчаконӣ бештар аз гилҳои зартоб, сурх ва кабуд истифода мешуд.

Зарфҳоро дар ҷойи соя мехушкониданд. Баъд аз хушк шудан зарфҳоро аввал бо латтаи тар ва сипас бо латтаи хушк молида сайқал медоданд. Чун сайқалдиҳӣ ба анҷом расид, зарфҳоро боз дар ҷойи соя ва баъдан дар офтоб гузошта, пурра мехушкониданд. Зарфҳои хушкшударо дар хумдон ё оташдонҳои махсус мепухтанд. Хумдонҳо вобаста ба таъйиноту вазифаашон ду навъ мешуданд: хумдони калон, ки барои кӯзаву хуму хурмаҳо сохта шуда буданд ва хумдони косаву табақ, ки хурдтар буд. Хумдон аз гӯлах- фарши оташафрӯз, тур (пур) –ҷойи зарфгузорӣ иборат буда, дар болояш сӯрохии калоне дошт, ки онро «даҳани хумдон» меномиданд ва аз он зарфҳоро ба хумдон мениҳоданд. Деворaҳои хумдон аз чор тараф бо номи «мурғак» сӯрохҳои хурди дудбаро дошт. Зарфҳоро аз даҳанаи хумдон ба тӯр андохта, даҳани хумдонро бо сафолпораҳои куҳна маҳкам мекарданд. Аммо дар деҳот ҳар як зан дар ҳавлии худ ин корро анҷом медод. Барои сӯзишворӣ поруи чорпои хонагӣ ба кор мерафт. Амали ҷобаҷогузории зарфҳоро дар оташдон «пурмонӣ» ва худи оташдони пур аз зарфҳоро кӯтоҳ «пур» меномиданд.

**(Идомааш дар шумораи навбатӣ)**

# КОРФАРМОЁН
## БА ШУҒЛИ АҲОЛӢ БОЯД ЧӢ ГУНА МУСОИДАТ КУНАНД?

«Ҳар кас ба меҳнат, интихоби касбу кор, ҳифзи меҳнат ва ҳимояи иҷтимоӣ ҳангоми бекорӣ ҳақ дорад. Музди кор аз ҳадди ақали музди меҳнат набояд кам бошад.

Дар муносибатҳои меҳнатӣ ҳама гуна маҳдудият манъ аст. Барои иҷрои кори якхела музди баробар дода мешавад.

Ҳеҷ кас ба меҳнати маҷбурӣ ҷалб карда намешавад, ба истиснои мавридҳое,ки қонун муайян кардааст.

Дар корҳои вазнин, зеризаминӣ ва шароити меҳнаташон зарарнок истифодаи меҳнати занон ва ноболиғон манъ аст».

**Моддаи 35. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон**




Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мусоидат ба шуғли аҳолӣ», муносибатҳои ҷамъиятиро оид ба шуғли аҳолӣ танзим намуда, асосҳои ҳуқуқӣ, иҷтимоию иқтисодӣ ва ташкилии сиёсати давлатӣ дар ин самт, аз ҷумла, кафолатҳои давлатро дар амалӣ гардонидани ҳуқуқҳои конститутсионии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба меҳнат ва ҳифзи иҷтимоӣ аз бекорӣ дар шароити иқтисоди бозорӣ муқаррар менамояд.

**Мутобиқи талаботи Моддаи 19. Мусоидати корфармоён ба таъмини шуғли аҳолӣ:**

Корфармоёне, ки дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият менамоянд, ба татбиқи сиёсати давлатии шуғли аҳолӣ дар асосҳои зерин мусоидат мекунанд, аз ҷумла;

- риоя кардани шартномаҳои меҳнатие, ки муносибатҳои меҳнатиро мувофиқи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон танзим менамоянд;

- амалӣ гардонидани чорабиниҳое, ки дар қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи меҳнат дар барномаҳои давлатӣ, минтақавӣ ва соҳавии мусоидат ба шуғли аҳолӣ, шартномаҳои коллективӣ ва созишномаҳои ҳифзи меҳнаткашон дар мавриди боздоштани истеҳсолот ё аз кор хориҷ намудани кормандони пешбинӣ шудаанд;

- расонидани кумак барои бо кор таъмин намудан, тарбияи касбӣ ва пешниҳод намудани кумаки иловагии молиявӣ барои кормандони аз кор озодшаванда аз ҳисоби маблағҳои ташкилотҳо;

- фароҳам овардани шароит барои тарбия ва бозомӯзии касбӣ, такмили ихтисоси кормандон;

- таҳия ва амалӣ намудани барномаи иҷтимоии ташкилот, ки нигоҳ доштан ва самаранок истифода бурдани иқтидори касбии кормандон, ҳифзи иҷтимоии онҳо, беҳтар намудани шароит ва ҳифзи меҳнатро пешбинӣ менамояд;

- риояи квотаҳои муайяншуда, барои бо кор таъмин намудани маъюбон;

- бо кор таъмин намудани шаҳрвандони ба ҳифзи иҷтимоӣ эҳтиёҷдошта ё захира намудани намудҳои алоҳидаи касбу кор;

- барои бо кор таъмин намудани чунин шаҳрвандон, ки аз тарафи мақомоти ҳокимияти давлатии шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ ва мақомоти худидораи маҳаллӣ муайян карда мешаванд;

Ҳамзамон, корфармоён вазифадоранд саривақт на камтар аз ду моҳ пеш ба дар ҳаҷми пурра ба мақомоти шуғли аҳолии маҳалли ҷойгиршавӣ ё дигар мақомоти намояндагии кормандон дар бораи аз кор озодкунии оммавии меҳнаткашон, аз ҷумла, бо сабаби барҳам додани ташкилот, ихтисор намудани шумора ё воҳиди корӣ, шумора ва гуруҳҳои кормандоне, ки ин ихтисоршавӣ ба онҳо дахл дорад, бо нишон додани касб, ихтисос, дараҷаи ихтисос ва андозаи музди меҳнати кормандони аз кор хориҷшаванда, инчунин оид ба муҳлате, ки аз кор озодкунии онҳо пешбинӣ шудааст, маълумоти хаттӣ пешниҳод намоянд. Барои пинҳон намудан ва пешниҳод накардани чунин маълумот тибқи тартиби муқарраргардида, корфармоён ба ҷавобгарии маъмурӣ кашида мешаванд.

Илова бар ин, корфармоён бояд ба мақомоти шуғли аҳолӣ маълумоти зеринро пешниҳод намоянд:

- дар муҳлати то даҳ рӯз аз рӯзи пайдо шудани маълумот дар бораи ҳамаи ҷойҳои кории холии (вакансияҳо) ба вуҷуд омада, мувофиқи талаботи касбии дар ташкилотҳо муайян кардашуда, инчунин маълумот дар бораи вазъи кадрҳо ва шумораи воқеии кормандон;

- маълумот дар бораи нисбат ба ташкилоти мазкур истифода бурдани тартиби муфлисшавӣ, инчунин, маълумот барои иҷрои фаъолият оид ба офиятбахшии касбӣ ва мусоидат ба шуғли маъюбон зарурбуда;

Дар мавриди иҷро накардани квота барои ба кор қабул намудан, корфармоён мутобиқи тартиби муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгар мебошанд. Ҳангоми ба кор қабул намудани шаҳрванд, ки аз тарафи мақомоти шуғли аҳолӣ равон шудааст, корфармо дар давоми панҷ рӯз ба мақомоти шуғли аҳолӣ варақаи роҳхатро бо нишон додани рӯзи ба кор қабул намудани шаҳрванд бозмегардонад. Дар сурати ба кор қабул накардани шаҳрванд, корфармо дар варақаи роҳхат рӯзи омадани шаҳрванд ва сабаби ба кор қабул накарданро қайд карда, роҳхатро ба шаҳрванд бармегардонад.

**Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ**

# БЕХАТАРӢ ВА ҲИФЗИ МЕҲНАТ

**Ба наздикӣ шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шамсиддин Шоҳини вилояти Хатлон ҷиҳати расонидани кумаки методию амалӣ бо 45 нафар сармуҳосибон, коргузорон, раисони иттифоқи касаба ва дигар шахсони масъули 22 корхонаю муассисаҳои фаъолиятдошта семинар-машварат баргузор кард.**

Тадбир дар заминаи муқаррароти қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби аз ҷониби корфармо ҷуброн гардидани зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд", "Дар бораи тасдиқ намудани Қоидаҳо ва меъёрҳои ба кормандон додани шир ва хӯроки табобатию профилактикӣ, либоси махсус, пойафзоли махсус ва дигар воситаҳои ҳифозати фардӣ, таъмин намудани кормандон бо воситаҳои ҳифозати коллективӣ, бинoҳои санитарию маишӣ ва дастгоҳу таҷҳизот аз ҳисоби маблағҳои корфармо", "Дар бораи Тартиби гузаронидани рӯзи истироҳат ба дигар рӯзи корӣ" ва боби 37-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Ҳуқуқ ва уҳдадориҳои корманд ва корфармо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат" ҷараён гирифт.

Ҳамоишро Шокирзода Асомуддин - сардори шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳия ифтитоҳ намуда, аз ҷониби масъулини шуъбаи мазкур вобаста ба талаботҳои боби 37-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла, моддаи 345 - ҳуқуқи корманд ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, моддаи 346 - уҳдаориҳои корманд дар соҳаи ҳифзи меҳнат, моддаи 347 - ҳуқуқи корфармо ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, моддаи 347-уҳдадориҳои корфармо ва таъмини ҳифзи меҳнат маълумоти муфассал манзур гардид.

Ҳамзамон, дар рафти семинар аз ҷониби Негматов Таур - раиси иттифоқи касабаи кормандони соҳаи буҷет, Назриев Латиф - раиси иттифоқи касабаи кормандони соҳаи маориф, Негматов Садриддин - раиси иттифоқи касабаи кормандони мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатӣ, Бобоев Аҳмадхон - сармуҳосиби МИҲД, Назиров Амирхон - директори маркази таъминоти бехатарии озуқаворӣ, Бодуров Мадамон - ҳадамоти ҳифзи меҳнати кумаки аввалияи тиббию санитарӣ, Амирхоҷаев Холмад - сармуҳосиби маркази назорати давлатии санитарию эпидемиологӣ, Қамарзода Умар - раиси Ҷамоати деҳоти Шӯрообод ва дигарон оид ба мавзуъ суханронӣ ва масъалагузориву пешниҳодҳои судманд анҷом гирифт.

**Шайдулло НАЗАРОВ, сармутахассиси ШАМША дар н. Ш.Шоҳин**

# ДАР КОДЕКСИ МЕҲНАТ

**Моддаи 107. Вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ**

**1.** Вақт ва навбати додани рухсатии меҳнатӣ бо тартиби пешбининамудаи шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ, қоидаҳои тартиботи дохилии меҳнатӣ, ҷадвали рухсатиҳо, ки бо намояндагони кормандон мувофиқа карда шудаанд ва ё бо мувофиқаи байни корфармо ва кормандон муайян карда мешаванд.

**2.** Ҷадвали дода шудани рухсатиҳои меҳнатӣ барои соли тақвимӣ тибқи муҳлатҳои муқаррарнамудаи созишнома ва шартномаҳои коллективӣ тартиб дода мешавад, ки он бо корфармо ва иттифоқи касаба ё дигар намояндагони кормандон ба мувофиқа расида, ба маълумоти ҳамаи кормандон пешниҳод карда мешавад.

**3.** Ҳангоми муайян намудани вақт ва навбати пешниҳоди рухсатӣ, ҳуқуқҳои кормандони зерине, ки барои гирифтани рухсатӣ имтиёз доранд, бояд таъмин карда шаванд:

1) Дар давраи тобистон ва дигар вақти мувофиқ:

- ба кормандони синни то ҳаждаҳ;
- ба омӯзгорони муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ, муаллимони муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус ва ҳайати профессорию омӯзгории муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ;
- ба иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда;
- ба занон ва дигар шахсони дорои уҳдадориҳои оилавӣ, ки ду ва ё зиёда кӯдаки синни то 3 нури радиатсионӣ вобастабуда;
- ба кормандоне, ки дар бартарафкунии оқибати садамаи Чернобил ва дигар минтақаҳои заҳролудшуда ё рафъи оқибатҳои офатҳои табиӣ иштирок кардаанд;
- дар дигар ҳолатҳои муқаррарнамудаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, шартномаи меҳнатӣ, созишнома ва шартномаҳои коллективӣ.

2) Дар давраи муайян:

- ба кормандоне, ки аз истеҳсолот ҷудо нашуда, дар муассисаҳои таълимии таҳсилоти умумӣ (шуъбаҳои шабона), муассисаҳои таълимии таҳсилоти ибтидоии касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти миёнаи касбӣ, муассисаҳои таълимии таҳсилоти махсус, муассисаҳои таълимии таҳсилоти олии касбӣ ва аспирантураҳо - пеш аз гузаронидан ё дар ҳолати гузаронидани машғулиятҳои муқарраргардида, иҷрои корҳои лабораторӣ ё таълимӣ, супоридани имтиҳонҳо ё санҷишҳо ба омӯзиш машғуланд;
- ба кормандоне, ки дар ду (якчанд) ҷой кор мекунанд - дар як вақт бо рухсатии меҳнатии ҷойи кори асосӣ.

**4.** Ба корманд бояд 15 рӯз пеш аз саршавии рухсатӣ оид ба вақти пешниҳоди рухсатӣ хабар дода шавад.

**5.** Ба мардон мувофиқи хоҳишашон ҳангоми рухсатӣ барои давраи ҳомиладорӣ ва таваллуди ҳамсарашон рухсатии ҳарсолаи меҳнатӣ пешниҳод карда мешавад.

# КОРРУПСИЯ –
## ХАТАРИ ОЯНДАСӮЗИ АМАЛИ ИНСОНӢ

**Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ оид ба татбиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025" ва Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Методологияи тартиб ва методикаи гузаронидани таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)», бо мақсади баланд бардоштани савияи донишҳои ҳуқуқии кормандон ва иттилоотонии онҳо оид ба пешгирии ҷиноятҳои вобаста ба хусусияти коррупсионидошта ва ба ин васила таъмин намудани зиндагии шоистаи аҳолӣ, дар мавзуи «Коррупсия – хатари ояндасӯзи амали инсонӣ» семинар – машварат баргузор кард.**



Дар тадбир сарнозири раёсати муқовимат ба коррупсия, подполковники адлия Носирӣ Алишер Қаҳҳор ва сарнозири раёсати муқовимат ба коррупсияи Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, подполковники адлия Назриён Васлибек Қурбон иштирок доштанд.

Семинарро Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ - директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ кушода, зикр намуд, ки мақсади ҳар як ҷомеа, ҳар як давлат ва роҳбарияти сиёсии он ташкилу таъмини ҳаёти хушу хуррам ва осудаву ороми халқу кишвар, сарсабзӣ ва сарбаландии миллат дар арсаи байналмилалӣ мебошад. Вале барои ба ин ҳадафҳои воло расидан ғайриихтиёр монеаҳои зиёде пеш меоянд, ки барои рафъи онҳо кӯшишҳои дастаҷамъона лозиманд. Мавриди зикр аст, ки инсоният имрӯз ба хатарҳои нави глобалӣ, аз қабили терроризм, экстремизм, паҳншавии маводи мухаддир, бӯҳрони ҷаҳонии молиявӣ ва дигар хатарҳои нав рӯ ба рӯст. Айни замон ба ин хатарҳо боз коррупсия дар ҷомеа реша давондааст, ки зарари он нисбат ба хатарҳои зикршуда камтар нест ва ба онҳо алоқамандии зич дорад.

Подполковники адлия Носирӣ А.Қ. аз он шукргузорӣ кард, ки имрӯзҳо ба туфайли сиёсати пешгирифтаи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои муаззами миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар фазои сулҳу оромӣ ба мову Шумо имконияти хубе баҳри ибрози ақидаҳои озоди манфиатовар дар самти муқовимат ба зуҳуроти номатлуб фароҳам оварда шудааст.

Мавсуф ҷиҳати амалигардонии Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2021-2025» гуфт, ки он ҳамчун санади барномавии дурнамои миёнамуҳлати сиёсати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар самти муқовимат ба коррупсия ба ҳисоб рафта, барои паст кардани шиддат ва сатҳи коррупсия дар кишвар равона карда шудааст.

Стратегияи мазкур ҳамаи вазорату идораҳои давлатӣ, ташкилотҳои давлатию ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шахсони мансабдорро вазифадор намудааст, ки ҳар кадом дар доираи нақшаи таҳиягардида вобаста ба салоҳияти худ корро дар самти пешгирӣ, чораҳои фаҳмондадиҳӣ, ошкорсозӣ ва бартараф намудани сабабу шароитҳои пайдокунандаи коррупсия ва ба он мусоидаткунанда ҷоннок намоянд.

Инчунин, Носирӣ А.Қ. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи муқовимат ба коррупсия", ки аз 07 августи соли 2020, №1714 қабул гардидааст, хусусиятҳои хоси татбиқи муқаррароти меъёрҳои онро ба шунавандагони шарҳу тавзеҳ дод.

Подполковники адлия Назриён В.Қ. зимни суханронӣ зикр намуд, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ворид шудан ба аъзогии Созмони Миллали Муттаҳид дар таърихи 2 марти соли 1992 аъзои комилҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ гашта, дар ҳалли масъалаҳои глобалии ҷаҳонӣ бетараф нест ва дар ин росто саҳми худро бо қадамҳои устувор гузошта истодааст.

Ҷумҳурии Тоҷикистон иштирокчии Конвенсияи Созмони Миллали Муттаҳид зидди коррупсия буда, ба ин санади байналмиллалӣ таърихи 25 сентябри соли 2006 имзо гузоштааст, ки он аз ҷониби Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2008 эътироф ва ё ратификатсия карда шудааст.

Назриён В.Қ. афзуд, ки дар қатори дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дар самти муқовимат бо коррупсия қабулгардида, бо мақсади ташкил ва амалӣ намудани чораҳои маҷмуии пешгирӣ ва муқовимат ба коррупсия, бартараф намудани сабабу шароитҳои ба коррупсия мусоидаткунанда ва ҷалби васеи иштироки ҷомеаи шаҳрвандӣ дар раванди мубориза бо коррупсия, 28 октябри соли 2016 ҷиҳати иҷрои банди 45 Нақшаи чорабиниҳои татбиқи Стратегия Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҳадаф аз ҷорӣ намудани механизми таҳлили хавфҳои коррупсия дар мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳо Методология тартиб ва методикаи баргузории таҳлили фаъолият (хавфҳои коррупсионӣ)-ро тасдиқ намуд. Тибқи банди 2 Қарори мазкур вазоратҳо, ташкилотҳо, мақомоти иҷроияи маҳалли ҳокимияти давлатӣ, дигар мақомтҳо ва ташкилотҳои давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот баҳри дар амал татбиқ намудани методологияи мазкур чораҳои зарурӣ андешида, аз натиҷаи корҳои анҷомдода бояд бо ҷамъбасти сол ба Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот ирсол намоянд. Дар навбати худ тибқи банди 3-и ин қарор Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон муваззаф гардидааст, ки аз натиҷаи иҷроиши Методологияи номбурда дар ҷамъбасти сол ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ахборот пешниҳод намояд. Аз ин лиҳоз, моро зарур аст, ки дар амри пиёдасозии армонҳои миллиамон дар пайравӣ ба Пешвои миллат баҳри решакан ва аз байн бурдани ин падидаи номатлуб фаъолона ширкат намоем.

Дар фарҷом Ашурализода А.А. чорабиниро ҷамъбаст намуда, баён дошт, ки баҳри татбиқи санадҳои меъёри ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамкориро бо Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон бо маром идома хоҳанд дод.

**Н.С. КУРБАНОВА,**
**сармутахассиси шуъбаи ҳуқуқи дастгоҳи марказии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ**

# МАШҒУЛИЯТ –
## МУҚОВИМАТ БА КОРРУПСИЯ

Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии вилояти Хатлон машғулияти навбатии идоравии худро ба мавзуи «Стратегияи давлатии муқовимат ба коррупсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030», марҳалаи якум (солҳои 2021-2025), тахассус дод, ки дар он сарнозири шуъбаи муқовимат бо коррупсияи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон Умед Раҳмонзода иштирок дошт.

Мавсуф зимни машғулият зикр намуд, ки таҳлилҳо нишон медиҳад, ки баъзе аз ҷиноятҳои ошкоргардидаи хусусияти коррупсионидошта дар баъзе аз ташкилоту муассисаҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ аз нокифоя будани донишу малака, муносибату муошират и шахсони мансабдор ба вуқӯъ мепайвандад.

Бино бар ин, мубориза бар зидди коррупсия танҳо вазифаи мақомотҳои зидди коррупсионӣ набуда, балки дастаҷамъона мебошад. Аз ин рӯ, ҳар як шаҳрванди ҷумҳуриро зарур аст, ки баҳри мубориза бар зидди ин падидаи номатлуб дар ҳамкорӣ бо мақомотҳои дахлдор ҳиссаи сазовори худро гузорад.

Сипас, иштирокдорони машғулият суолҳои мавриди назари худро ба намояндаи раёсати Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар вилояти Хатлон пешниҳод намуда, посуххои қаноатбахш гирифтанд.

Дар машғулият роҳбарияти дастгоҳи маркази раёсат, сардорони раёсат, шуъба ва бахшҳои Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳру ноҳияҳои минтақаи Бохтари вилояти Хатлон ва кормандони МД «Маркази таълими калонсолони Тоҷикистон» дар ш. Бохтар ширкат варзиданд. Ҳамоишро муовини сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Хатлон Р.И. Зокирзода ҷамъбаст намуд.

**Хабарнигори мо**

# ТАДБИРҲО ДАР МАҲАЛЛОТ

Бо ҳадаф аз расонидани кумаки методию амалӣ ва хизматҳои машваратӣ ба корхонаю ташкилотҳо, вобаста ба муқарраропту талаботҳои қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи Тартиби аз ҷониби корфармо ҷуброн гардидани зарар бо сабаби бад шудани саломатӣ ё фавти корманд", "Дар бораи Тартиби гузаронидани рӯзи истироҳат ба дигар рӯзи корӣ" ва моддаҳои 341-344, боби 37-и Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, масъулони Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Ҳисор - Маҳкамов Абдушукур ва Одинаев Фирдавс бо кормандони дастгоҳи Ҷамоати деҳоти Деҳқонобод ва Раёсати Агентии суғуртаи иҷтимоӣ ва нафақаи назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шаҳри Ҳисор семинари машваратию омӯзишӣ баргузор намуданд.

Ҳамин гуна семинари машваратиро Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолии ноҳияи Рӯдакӣ дар бинои мақомоти меҳнат ва шуғли аҳолӣ низ баргузор кард, ки он ба мавзуи «Татбиқи талаботи санадҳои меъёри ҳуқуқии самти меҳнат дар корхонаву муассисаҳо» тахассус гардид. Дар чорабинии мазкур 14 нафар масъулин аз 10 воҳид корхонаву муассисаҳои ҳудуди ноҳия, аз қабили муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии №13, №35, №76, ҶДММ «Бодома», ҶДММ «Кимиёи Саодат», ҶДММ «Шумон», ҶДММ «Сино-2013», ҶСП «Связьстрой сервис», ҶСК «Қ. Расулов» ва КВД «Сохтмону истифодабарии оби нӯшокии деҳот ва чорогоҳҳо» иштирок намуданд.

Тадбири нақшавии Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара бошад, семинар-машварати худро оид ба дастуру супоришҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ки аз Паёмашон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон бармеоянд, бахусус ҷиҳати бо кор таъмин намудани бекорон, ба касбомӯзӣ фаро гирифтан, имконият додани кумакпулӣ ва қарзҳои имтиёзнок ба бекорон, талаботҳои боби 37 Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тахассус дода шуд. Дар он сардори раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ М. Мирзомансурова аз боби кафолатҳои ҳуқуқии корманд ва корфармо оид ба бехатарӣ ва ҳифзи меҳнат, қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии дохилию байналмиллалӣ, ҳамчунин роҷеъ ба талаботҳои дигари Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон суханронӣ кард.

**Хабарнигори мо**

БАХШИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ ДАР Ш. ХОРУҒ: 93-414-83-83, 8-35-22-2-32-22

# БИЁ, ТО ҶАҲОНРО БА БАД НАСПАРЕМ!

Таъсис ва фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ҳизбҳои сиёсие, ки нажодпарастӣ, миллатгароӣ, хусумат, бадбинии иҷтимоӣ ва мазҳабиро тарғиб мекунанд ва ё барои ба зӯрӣ сарнагун кардани сохтори конститутсионӣ ва ташкили гурӯҳҳои мусаллаҳ даъват менамоянд, манъ аст. Мувофиқи моддаи 5 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон инсон, ҳуқуқ ва озодиҳои ӯ арзиши олӣ мебошанд. Ҳаёт, қадр, номус ва дигар ҳуқуқҳои фитрии инсон дахлнопазиранд. Ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрвандро давлат эътироф, риоя ва ҳифз менамояд. Мо ҳаргиз мухтоҷи ҷаҳонбиниву мазҳаби бегона нестем ва кӯшишиҳои сиёсисозии дини мубини исломро қотеъона маҳкум мекунем.

**Сироҷиддин ОЛИМОВ,**
**сардори Раёсати муҳоҷирати дохилӣ ва экологии Хадамоти муҳоҷират**

***

Яке аз омилҳои пешгирии гаравидани шаҳрвандон ба ҳизбу ҳаракатҳои экстремистӣ роҳ надодан ба таҳсили ғайрирасмии ҷавонон дар муассисаҳои динии хориҷи кишвар мебошад. Дар ин радиф, баланд бардоштани масъулияти падару модарон дар таълиму тарбияи фарзанд хеле муҳим аст. Чунки яке аз сабабҳои шомил шудани ҷавонон ба иттиҳодияи ҷиноятӣ дар муҳити носолим тарбия ёфтан, аз ҷониби падару модарон ва шахсони онҳоро ивазкунанда фароҳам наовардани шароитҳои зарурии модӣ, молиявӣ, маънавӣ ва руҳӣ, заифии таълиму тарбия дар муассисаҳои таълимии алоҳида мебошад. Дар баробари сабабҳои дохилӣ, инчунин, омилҳои беруна низ бетаъсир нестанд, ки инҳо намоиши филмҳои дорои хусусияти террористӣ ва экстремистидошта, паҳнкунии ғояҳои ифротгароӣ тавассути шабакаи ҷаҳонии интернет мебошанд.

**Ҳумоюн АБДУШАҲИДОВ,**
**сардори шуъбаи таҳлил ва маълумотдиҳии Хадамоти муҳоҷират**

***

Мушкилоти асосии ҷавонон ин огоҳ набудан аз идеологияи аслии ифротгароёни динӣ ба шумор рафта, бархе аз онҳо дар мақсадҳои ғаразнок ва зиддидавлатию зиддимилии гурӯҳҳои террористӣ ва экстремистӣ шарик мешаванд. Вақтҳои охир ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шудани ҷавонон ва занону духтарон, ки дар фирефта шудани онҳо бештар ҳаммаслакони (ТТЭ ҲНИ) ташкилоти террористӣ экстремистии Ҳизби наҳзати ислом даст доранд, ин дарди ҷонсӯзи миллату ватан аст. Имрӯзҳо гурӯҳҳои ифротгаро дар тасаввуроти ҷавонони мо тамаддуни исломро нодуруст шарҳ дода, онҳоро ба сӯи фанатизм ва экстремизм ҷалб менамоянд.

Имрӯз Ҳукумати кишвар дар доираи амалӣ намудани ҳадафҳои стратегии мамлакат масъалаи таъсиси ҷойҳои нави корӣ ва таъмини шароити арзандаи зиндагиро ба ҳар як шаҳрванди кишвар, аз ҷумла, ҷавонон кафолат додааст, ки яке аз сабабҳои паст гардидани ин падидаи хатарзо хоҳад буд. Вале дар ин баробар тарғиби идеяҳои миллӣ, дарк ва ҳифзи дастовардҳои истиқлолияти давлатӣ ва муаррифии фарҳанги миллӣ бояд дар меҳвари амали мафкураи миллии ҷавонони мо қарор дошта бошанд. Зеро дар вазъияти ҳассосу мураккаби замон ташаккули шахсияти таҳаммулпазир, пурмасъул, муваффақ, ки манфиатҳои милливу давлатиро аз манфиатҳои фардӣ боло мегузорад, хеле муҳим аст.

**Баҳром ЮСУФАЛИЕВ,**
**сармутахасиси Раёсати ҳуқуқ, кадр ва корҳои махсуси Хадамоти муҳоҷират**

***

Мо, кормандони шуъбаву бахшҳои Хадамоти муҳоҷирати меҳнатӣ, вазифадорем, ки якҷоя бо мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии шаҳр ва мақомотҳои ҳифзи ҳуқуқ бояд ба мардум фаҳмонем, ки ба даъвати душманону хоинон бовар накунанд. Онҳое, ки аз хориҷи кишвар одамонро ба ҷиҳод ташвиқ мекунанд, дар асл хоинони миллат, ватанфурӯшони зархариданд, ки имрӯз аз Сурияву Ироқ ва фардо дар Амрикову Аврупо баромад мекунанд. Ҳамаи гуфторашон дурӯғ, кирдорашон фисқ ва замирашон пур аз нифоқ аст. Ба хотири пулиночиз ба Ватанамон хиёнат карда, мехоҳанд одамонро ба вартаи ҳалокат афкананд.

Дар ин давраи нотинҷ мо бояд бениҳоят хушёр ва эҳтиёткор бошем. Ба шаҳрвандоне, ки ба муҳоҷирати меҳнатӣ мераванд, оид ба "Муҳоҷирати бехатар ва омодагии пеш аз сафар" суҳбат гузаронида, ҳамеша хотиррасон намоем, ки мақсади асосии ба муҳоҷирати меҳнатӣ рафтанашонро аз хотир набароранд. Фаромӯш накунанд, ки дар хона онҳоро падару модар, хоҳару бародар, зану фарзанд интизоранд.

Мо бояд муттаҳид, якдил ва дастаҷамъ бошем, ба иғвои хоинон дода нашавем, тамоми кӯшишро ба харҷ диҳем, то ин ки Ватани худро аз душманон эмин нигаҳ дорем. Мақсуди мо ҳифзу ҳимояи Ватан, ободи кардани он, хизмати падару модар, тарбияи фарзандон, тарғиби некиву накӯкорист.

**Биё, то ҷаҳонро ба бад наспарем,**
**Ба кӯшиш ҳама дасти некӣ барем.**

**Фирӯза САБУРОВА,**
**мутахассиси пешбари бахши Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Гулистон**

***

Аз шабакаҳои иҷтимоӣ бармеояд, ки вақтҳои охир байни гурӯҳҳои ҷиноятқор, ки худро дилсӯзи ягонаи халқи тоҷик эълом доштаву аз тарси ҷавобгарӣ ба кирдорҳои зишти зиддидавлативу зиддимардумии худ дар кишварҳои Иттиҳоди Аврупо паноҳ бурдаанд, ихтилоф афтодааст. Онҳо бо истифода аз ҳар фурсати муносиб ҳамдигарро сиёҳ ва бо алфози қабеҳтарин таҳқир мекунанд. Аз мавқеъ ва тариқи баёни андешаи онҳо дарёфтан душвор нест, ки ҳамаашон чандрӯя ҳастанду аз меъёрҳои одитарини одобу ахлоқ фарсаххо дуранд.

Имрӯзҳо аъзои гурӯҳҳои ҷиноятпешаи фаъолияташон дар қаламрави Тоҷикистон манъшудаи ҳизби наҳзат, гурӯҳи 24 ва паймони миллӣ бо рафтору кирдор ва мубоҳисаву муошират дар шабакаҳои иҷтимоӣ бори навбатӣ собит месозанд, ки дар сурати сари ҳокимият омадан онҳо Тоҷикистон ва мардуми онро ба мусибату бадбахтӣ мувоҷеҳ мегардонанд. Зеро ҳар ҳарфашон таҷассумгари он аст, ки онҳо то кадом андоза худхоҳ ҳастанду баднафс. Ба хубӣ эҳсос мешавад, ки ин тоифа барои расидан ба мақсадҳои ифлоси худ кайҳо ғуломи ҳалқабаргӯши хоҷагони хориҷӣ - душманони осудагиву оромии Тоҷикистон шудаанду дар ивази чор тангаи сиёҳ омодаанд бори дигар рӯзи мардуми Тоҷикистонро сиёҳ кунанд.

**Мустақим АХМЕДОВ,**
**сардори шуъбаи Хадамоти муҳоҷират дар шаҳри Исфара**

***

Ҷавонони имрӯзаи мо бояд дар рушду нумуи кишвари азизамон бо ҳисси баланди худшиносиву худогоҳии миллӣ ва ифтихор аз давлату давлатдорӣ тамоми неруи худро барои ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, ваҳдати миллӣ, сулҳу субот, рушди минбаъдаи иқтисодиву иҷтимоии Ватани азизамон ва устувор гардонидани мавқеи он иштироки фаъол дошта бошанд.

**Фирдавс САЙФУДДИНОВ,**
**мутахассиси пешбари Раёсати муҳоҷирати меҳнатии Хадамоти муҳоҷират**

***

Ба гурӯҳҳои ифротгаро шомил шудани ҷавонон ва занону духтарон дарди ҷонсӯзи миллату ватан аст. Чунки тамоюли бегонапарастӣ ва ба фарҳанги бегона майл намудани занону духтарони кишвар, ташвиқи либосҳои бегона, ҳисси бегонапарастӣ, тақлидкорӣ, рафтору гуфторе, ки ба фарҳанги миллии мо таъсири манфӣ мерасонанд, ба чашм мерасад.

Гурӯҳҳои ифротгаро метавонанд, ки бо ақидаҳои нодурусти худ занону духтарон ва ҷавононеро, ки имрӯзҳо аз фарҳанги миллӣ, ҳисси хештаншиносӣ ва афкори дурусти ислом пурра огаҳӣ надоранд, ба сӯи ифроту ифротгароӣ ҷалб намоянд. Бинобар ин, бояд ҷавонони мо таълимоти дурусти диниро пурра дарк намуда, кӯшиш намоянд, ки фирефтаи ҳар гуна гурӯҳҳои ифротгаро нагарданд.

**Муҳибулло БОБОЕВ,**
**мудири бахши Хадамоти муҳоҷират дар ноҳияи Шаҳринав**



# МАРҲАЛА БА МАРҲАЛА –
## ба Британияи Кабир

Сафири Фавқулода ва Мухтори Британияи Кабир дар Тоҷикистон Тимоти Айдан Маршалл Ҷонс, ки ӯро муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон Нодирӣ Шаҳноза Анвар ҳамроҳӣ кард, 13 марти соли равон ба Хадамоти муҳоҷират ташриф овард.

Дар суҳбат сардори Хадамоти муҳоҷират Иматшо Нодирзода гуфт, сафарбаркунии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки хостори фаъолияти муваққатии меҳнатӣ дар соҳаи кишоварзии Британияи Кабир буда, аз санҷиши намояндагони ширкати корфармо гузаштаанд, оғоз гардид. Айни замон ширкати «Pro-Force» аз тариқи онлайн бо шаҳрвандони корҷӯ суҳбат намуда, 700 нафари онҳоро интихоб намудааст, ки марҳала ба марҳала ба Британияи Кабир фиристода мешаванд.

Сафири Фавқулода ва Мухтори Британияи Кабир дар Тоҷикистон арз намуд, ки омодааст барои боз ҳам хубтару беҳтар ба роҳ мондани ҷалби шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон ба корҳои мавсимӣ мусоидат намояд.

Тимоти Айдан Маршалл Ҷонс бо як гурӯҳ муҳоҷирони меҳнатӣ-шаҳрвандони ҷумҳурӣ ҳамсуҳбат гардид.

**Маркази матбуоти**
**Хадамоти муҳоҷират**

# БАРНОМАИ РАВОДИД
## барои коргарони мавсимӣ дар Британияи Кабир















# МАНСАБҲОИ ХОЛИИ МАЪМУРИИ ХИЗМАТИ ДАВЛАТӢ

## ДАР РАЁСАТИ АГЕНТИИ МЕҲНАТ ВА ШУҒЛИ АҲОЛӢ ДАР ВИЛОЯТИ СУҒД



| Р/т | Номгӯйи мансабҳо | Маоши мансабӣ |
|---|---|---|
| 1. | Муовини сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 2227,55 |
| 2. | Сармутахассиси Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истаравшан | 1361,20 |
| 3. | Сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хуҷанд | 1361,20 |
| 4. | Сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Айнӣ | 1361,20 |
| 5. | Сармутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Конибодом | 1361,20 |
| 6. | Мутахассиси пешбари Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Б.Ғафуров | 1062,40 |
| 7. | Мутахассиси пешбари Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 1112,20 |
| 8. | Мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии меҳнат ваш угли ахоли дар шаҳри Конибодом | 1112,20 |
| 9. | Мутахассиси пешбари шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷ.Расулов | 1062,40 |
| 10. | Мутахассиси пешбари бахши Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Истиқлол | 1112,20 |
| 11. | Мутахассиси Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд | 913,00 |
| 12. | Мутахассиси Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Исфара | 913,00 |
| 13. | Мутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Ҷ.Расулов | 913,00 |
| 14. | Мутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар шаҳри Хуҷанд | 913,00 |
| 15. | Мутахассиси шуъбаи Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар ноҳияи Шаҳристон | 871,50 |

## ТАЛАБОТ АЗ ДОВТАЛАБОН:

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи дуюм (муовини сардори Раёсат):**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ дар мансаби категорияи 3 ё 5 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 6 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ (донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад), кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи панҷум (сармутахассис):**

- таҳсилоти олии касбӣ ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- 2 сол собиқаи хизмати давлатӣ ё 3 сол собиқаи умумии меҳнатӣ;
- донистани таърих, фарҳанг, муқаддасоти миллӣ, забони давлатӣ (донистани забони хориҷӣ ба инобат гирифта мешавад), кор бо компютер, донистан ва риоя намудани қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ ҳатмист;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи шашум (мутахассиси пешбар):**

- таҳсилоти олии касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад;
- малакаи хуби муошират бо аҳли ҷомеа, аз ҷумла маҳорати ба роҳ мондани ҳамкорӣ ҳангоми татбиқи манфиатҳои давлатӣ ва донистани технологияи компютерӣ.

**Барои ишғолкунандаи мансаби маъмурии категорияи ҳафтум (мутахассис):**

- таҳсилоти олӣ ё миёнаи касбӣ, ихтисоси ба мансаби ишғолшаванда мувофиқ, ки иҷрои самараноки вазифаҳои мансаби мазкури маъмурии хизмати давлатиро таъмин карда метавонад, донистани технологияи компютерӣ.

**ҲУҶҶАТҲОИ ЗАРУРИИ ПЕШНИҲОДШАВАНДА:**

- аризаи шахсӣ ба унвони сардори Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд;
- варақаи шахсии баҳисобгирии кадрҳо;
- тарҷумаи ҳол;
- нусхаи дафтарчаи мехнатӣ (ба ғайр аз ҳолатҳое, ки шахс собиқаи меҳнати надорад);
- нусхаи ҳуҷҷати тасдиққунандаи таҳсилот;
- маълумотнома оид ба вазъи саломатӣ (шакли 038УЕ);
- нусхаи шиноснома;
- маълумотнома аз ВКД оид ба надоштани доғи судӣ;
- нусхаи гувоҳнома дар бораи рақами мушаххаси андозсупоранда;
- маълумотнома аз ҷои истиқомат;
- маълумот дар бораи даромад ва вазъи молу мулк;
- маълумотнома (объективка);
- нусхаи билети харбӣ (барои шахсоне, ки хизмати харбиро адо намудаанд);
- (4 дона расми 4х6).

Ҳуҷҷатҳо аз ҷониби Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд, баъди чопи аввали эълон дар мухлати 21 рӯз дар шакли хаттӣ ва ё электронӣ қабул карда мешаванд.

Суроғаи қабули ҳуҷҷатҳо: вилояти Суғд, шаҳри Хуҷанд, маҳаллаи 28, бинои Раёсати Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ дар вилояти Суғд, ошёнаи 2.

**Телефон: 5-64-23, факс 6-68-05, нишонаи сомона shugl10@mail.ru.**

Мардуми англис дар асри ҳаждаҳ анъанаи бунёди кулба доштанд, ки дар он зоҳидон ба кор ҷалб карда мешуданд.

***

Куҳантарин коргар дар Ню Ҷерсӣ кор мекард. Дар 100-солагӣ ҳамеша ба кор меомад, гарчанде ки аллакай ба нафақа баромада буд.

***

Соли 1976 ба хисоби миёна як рохбари корхона назар ба тобеонаш 36 баробар зиёд музд гирифт.

***

# ИНСОН ВА КОР

Одам анқариб нисфи умри худро дар кор мегузаронад.

***

Аввалин кори Рональд Рейган наҷот додани одамони ғарқшуда дар дарёи Рок буд.

***

Бекории бузург дар ҷаҳон ҷавононро маҷбур кардааст, ки касби худро бодиққат интихоб кунанд.

***

Сокинони Ҷопон тақрибан 60% вақти худро дар офис мегузаронанд.

***

62 дарсади занон барои аз даст надодани мансаб фарзанд ва оила доштан намехоҳанд.

***

Занони коргар бовар доранд, ки вазифаҳои худро нисбат ба мардон хеле беҳтар иҷро мекунанд.

***

Қариб 90% тарабхонаҳо дар соли аввали фаъолияташон баста мешаванд.

***

Рӯзи душанбе душвортарин рӯзи кор ба ҳисоб меравад.

***

Португалия шумораи бештари занони муваффақ дорад.

***

Зеландияи Нав муваффақтарин кишвар барои пешбурди тиҷорат ҳисобида мешавад.

***

Аксари сокинони Русия орзу доранд, ки дар телевизион кор кунанд.

***

Олимони Мактаби тиҷоратии Ванкувер пешниҳод карданд, кӯдаконе, ки дар тобистон таваллуд шудаанд, наметавонанд дар вазифаҳои роҳбарикунанда кор кунанд.

***

Кори душвортарин ва хавфноктарин дар фазои кайҳон ба ҳисоб меравад.

***

Ҷорҷ Вашингтон омӯхтани ғорҳоро дӯст медошт.

***

Сарваттарин нафақахӯрон дар Дания зиндагӣ мекунанд.

***

Дандонсозони амрикоӣ дар як сол тақрибан 13 тонна тилло истифода мебаранд.

***

Чоршанбе беҳтарин вақт барои талаб кардани афзоиши музди меҳнат дар ҷои кор аст.

***

Тақрибан 65 нафар дар як рӯз миллионер мешаванд.

***

Пурмаҳсултарин рӯзи ҳафта сешанбе аст.

ШУЪБАИ ХАДАМОТИ МУҲОҶИРАТ ДАР Ш. КӮЛОБ: 918-41-50-91, 833-22-2-36-89

# ИСТИЛОҲОТИ НАВРӮЗӢ

**Наврӯз дар тӯли ҳазорсолаҳо ҳамчун иди миллии мардуми ориёитабор ҷашн гирифта мешавад. Бо мурури замон тартибу низоми он ҳам муқаррар гардида, ба ҳукми анъна даромадааст, ки мазмуни онро силсилаи мафҳуму истилоҳҳо талқин мекунанд. Ходимони фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ва хонандагон, ки барпокунандаи ҷашн ҳисоб меёбанд ва дар кори амалӣ аз ин истилоҳҳо истифода мебаранд, бояд мавриди истеъмолу маънои онро донанд. Мухтасаран чанде аз онҳоро барои хонанда тавзеҳ медиҳем.**



**Наврӯзи Аҷам** - ҷашне, ки миёни мардуми ғайриараб, яъне форсҳо ва тоҷикон маъмул аст.

**Наврӯзгоҳ** - маконе, ки барои таҷлили иди Наврӯз муқаррар гардидааст: майдон, боғ, гулгашт, толор, қасри фарҳанг, домани талу теппаҳо, саҳни рӯдбору чашмаҳо, ҷойҳои хушманзари табиат.

**Пайки наврӯзӣ** - нафароне, ки субҳи рӯзи аввали Наврӯз бо ҳамҳамаю дамдама муждаи омадани баҳорро ба мардум мерасонанд, хабаррасон.

**Наврӯзмоҳ** - моҳи наврӯз, яъне фарвардин, моҳи якуми соли шамсӣ, аз 21-уми март то 20-уми апрел. Номи духтарона, ки дар Наврӯз зода шудааст.

**Наврӯзи омма** - панҷ рӯзи аввали Наврӯз, ки ҷашни миллӣ ва умумихалқии мардуми форсу тоҷик ҳисоб меёбад.

**Наврӯзи хосса** - рӯзи шашуми Наврӯз, ки хоси шоҳони пешин ва дарбори онҳо ҳисоб меёфт. Подшоҳ бо хосони хеш дар дарбор ба айшу нӯш машғул мешуд.

**Ҳафт син** - мувофиқи суннати Наврӯз, дастурхони наврӯзӣ, ки бо ҳафт намуди хӯраданӣ оро дода мешавад: себ, суманак, самак (моҳӣ), сир (панир), санҷид, сирко, сипанд.

**Ҳафт шин** - ҳафт намуди ғизо ва ороиши дасторхони наврӯзӣ, ки бо ҳарфи «ш» оғоз меёбад: шакар, шир, шамъ, шона, шарбат, ширинӣ, шоя (шохаи сабзи растанӣ).

**Оини Наврӯз** - расму одат, қоидаву қонуне, ки пешиниёни халқи мо ба наврӯз нисбат медиҳанд.

**Иди либоси нав** - ба муносибати Наврӯз зиннат додани оин ва пайкари худ бо либоси нав.

**Обпошӣ** - яке аз суннатҳои Наврӯз, ки мардум ба умеди борон ва фаровонии ҳосил ба ҳамдигар об ва ё гулоб мепошанд, рамзи хушнудӣ, ободӣ ва равшанӣ.

**Чаҳоршанбесурӣ**- чаҳоршанбеи охири сол, шаби охирини соли куҳан, ки фардо Соли Нав фаро мерасад. Дар ин шаб барои пешвози Соли Нав оташ афрӯхта, базми шодиёна барпо мекунанд. Чор маънои чаҳор фасл, сурӣ ба маънои сурх аст.

**Сездаҳбадар** - рӯзи охирини ҷашни Наврӯз, ки пешиниён аз хонаву шаҳр берун рафта, дар оғӯши табиат бо айшу нӯш навбаҳорро падруд мегуфтанд.

**Гиреҳ задани сабза** - гиреҳ бастану ба об афкандани сабза ва шохаҳои сабз, ки барои ороиши дасторхони наврӯзӣ истифода мешавад. Ин навъ рамзи ба мурод расидани ҷавонон ва пок доштану зиннат бахшидани обу хок ва зиндагии инсон.

**Бемаргони ҷовид ва ё амшоспандон** - мувофиқи шариату тариқат - Худо ҷаҳонро ба ёрии фаришта, ки амшоспандон ва ё бемаргони ҷовид ном доранд, пурра мекунад.

**Мири наврӯзӣ** - ин оинест, ки амир ва ё ҳокими маҳал ҳангоми Наврӯз ҳукуматашро муваққатан дар муддати панҷ рӯз ба каси дигар месупорад ва ба баъди панҷ рӯз ба мақомаш бозмегардад.

**Оташафрӯз** - ҳафтаи охирини сол гурӯҳи чорпанҷнафара дасту рӯй ва гардани худро сиёҳ карда, яке болои сар, дигарон дар даст машъал афрӯхта, дар шаҳр мегарданд ва мардуми дукондор ба онҳо ҳадя мебахшад.

**Бозори наврӯзӣ** - бозоре, ки ба муносибати фарорасии иди Наврӯз дар шаҳру навоҳӣ ва наврӯзгоҳҳо ороста мешавад ва аз навъҳои гуногуни хӯрок, пӯшок ва ашёи зебу зиннат иборат аст.

**Кадбонуи наврӯзӣ** - зани маъмуре, ки ҳангоми иди Наврӯз ба пазандагони таомҳои наврӯзӣ сарварӣ мекунад.


## ОБУНА – 2023

“Шуғл ва муҳоҷират” – оинаи кор, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

Суратҳисоби дохилӣ: С/Ҳ 20202972740003103000, К/Ҳ 20402972316264, КИБ 350101626, РМА 040003282. КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират».

Филиали №03 Амонатбонк дар ноҳияи Синои ш. Душанбе.
Арзиши солонаи як нусха – 150 сомонӣ аз тариқи суратҳисоби нашрия.



**Муассис:**
***Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон***



**Ҳайати мушовара:**

**Ҳасанзода Гулнора Кенҷа,**
вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Давлатзода Қиёмиддин,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Нодирӣ Шаҳноза Анвар,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Ализода Алишер Ҳиматуло,**
муовини вазири меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**Маҳмадзода Сафаралӣ Маҳмад,**
сардори Хадамоти назорати давлатӣ дар соҳаи меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолӣ

**Нодирзода Иматшо,**
сардори Хадамоти муҳоҷират

**Ашурализода Абдураҳмон Ашуралӣ,**
директори Агентии меҳнат ва шуғли аҳолӣ



Директори КВД «Рӯзномаи «Шуғл ва муҳоҷират»
**Фаррух Файзуллоев**

Сармуҳаррир
**С. Ёрмаҳмадзода**

Хабарнигорон:
**Мижгона Акобирова**
**Фарҳод Холиқов-**
масъули чоп
**Абдурозиқ Абунасрзода -**
тарроҳ



Андеша ва ақидаҳои нашршудаи шахсии муаллифон дар мақолоту гузоришҳо ақидаи расмии Ҳайати мушовараи вазорат маҳсуб намешавад.
Дурустии асноду далели мақолаҳо ба уҳдаи муаллифон аст.
Идора бо муаллифон мукотиба намекунад, дастхатҳоро барнамегардонад.



***Дар нашриёти ҶДММ «Фасл-4» чоп мешавад***
***Адади нашр - 4460***
Рӯзнома дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳти рақами 240\РЗ – 97 аз 16 марти соли 2021 номнавис шудааст.



**Нишонӣ:**
шаҳри Душанбе, кӯчаи Алишер Навоӣ, 5/2, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон

**тел: 93-738-22-66**
**98-745-00-00**
**98-851-81-23**



**Обуна ба рӯзнома тамоми сол идома дорад ва дар ҳамаи нуқтаҳои алоқа қабул карда мешавад.**
**Индекс 68959**



**Почтаи электронии мо-**
**Rrohnamo@mail.ru**